*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№29 (12513)
16 июли
соли 2025

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

СОЗАНДАГӢ



## ИФТИТОҲИ КӮДАКИСТОНИ «ГУЛИСТОН» ДАР САНГИСТОН

11 июл Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Сангистони ноҳияи Айнӣ бинои нави муассисаи таҳсилоти томактабии №6-и «Гулистон»-ро, ки дар заминаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19 фаъолият дошт, ба истифода доданд.

Ба Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки иншооти соҳаи маориф бо дарназардошти зиёд гардидани талабот ба зинаи аввали таҳсилот сохта шуда, барои 120 кӯдак дар 4 гурӯҳ пешбинӣ шудааст. Ҳоло дар он 80 нафар ба таълим фаро гирифта шудаанд.

Дар ин ҷо 18 мураббӣ ба кор ҷалб шуда, ҳамаи онҳо соҳибтаҷриба мебошанд.

Корҳои бунёдӣ дар кӯдакистон соли 2025 оғоз гардида, он дар муҳлати муайяншуда, аз ҷониби коргарони ҶДММ «Сайҳуни Хуҷанд» бо сифати баланди меъморӣ мавриди истифода қарор гирифт.

Масоҳати кӯдакистон бо дарназардошти иншооти ёрирасон 410 метри мураббаъ буда, аз ду ошёна ва таҳхона иборат мебошад.

Қобил ба зикр аст, ки деҳаи Сангистони ноҳияи Айнӣ аз маҳаллаҳои калон аст ва бо дарназардошти афзудани шумораи аҳолӣ талабот ба иншооти таълимии томактабӣ зиёд мегардад. Ҳоло дар кӯдакистон барои гузаронидани машғулиятҳо тамоми имконот муҳайё буда, аёниятҳо ва адабиёти бачагона пурра таъмин карда шудааст.

Ҳуҷраҳои хоби кӯдакон, ошхона, толори мусиқӣ ва роҳравҳои боғча бо расмҳои қаҳрамонҳои афсонавӣ ҳаккокӣ шуда, мувофиқ ба табъу завқи кӯдакон бунёд шудааст.

Пешвои миллат зимни суҳбат бо намояндагони соҳаи маорифи ноҳия, бо таваҷҷуҳ ба рушди фаъолияти муассисаҳои томактабӣ таъкид намуданд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ ҳар як омӯзгорро зарур аст, аз гузашта дида масъулияти баланд ҳис намояд ва дар тарбияи насли наврасу ҷавон саҳми муносиб гузорад.

Дар навбати хуб аҳли маорифи ноҳияи Айнӣ ба Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирии ҳамешагиашон изҳори сипос карда, ваъда доданд, ки минбаъд низ содиқонаву софдилона фаъолият намуда, дар пешрафти кишвар ҳиссагузор хоҳанд буд.

ОМОДАГӢ

## 18-29 август – давраи мутобиқшавии хонандагони синфи якум

Аз 1 август дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули хонандагон ба синфи якум барои соли таҳсили 2025-2026 дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оғоз мегардад. Соли равон тибқи маълумоти пешакӣ тақрибан 250 ҳазор хонанда ба синфи як меравад.

Дар робита ба ин, ҳангоми номнавис кардани фарзандон ба синфи якум, волидон бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоянд:

- *аризаи падару модар;*
- *шаҳодатномаи таваллуди кӯдак (асл);*
- *варақаи шахсии хонанда;*
- *ду дона расми 3х4;*
- *ҳуҷҷати тиббӣ;*
- *ду нусха шиносномаи волидон;*
- *шаҳодатномаи ақди никоҳ (ҳангоми мавҷудият);*
- *маълумотнома аз ҷойи зист.*

Бояд гуфт, ки қабули кӯдакон ба гурӯҳҳои забони таҳсилашон тоҷикӣ ва русии муассисаҳои таълимӣ (муассисаҳои таълимии шакли нав ва хусусӣ, бе назардошти маблағи шартнома) дар асоси моддаи 41-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаҳои 6 ва 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», банди 7 ва 38-и Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба тариқи ройгон анҷом дода мешавад. Дар асоси фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади ба муҳити муассисаи таълимӣ одат кардани кӯдакон ва мусоидат ба мутобиқшавии онҳо ба таҳсил, дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар аз 18 то 29 августи соли 2025 давраи мутобиқшавӣ барои хонандагони синфи якум ба муҳлати 10 рӯзи таълимӣ ба роҳ монда мешавад. Ин марҳалаи муҳим ба кӯдакони 7-сола имконият фароҳам меорад, ки то оғози расмии соли таҳсил ба муҳити мактаб одат кунанд, бо синфхонаҳо, омӯзгорон ва ҳамсинфон шинос шаванд, тартибу қоидаҳои муассисаҳои таълимиро азхуд намоянд.

МУЖДА

## ХУТТАЛИ ҚАДИМ БА ФЕҲРИСТИ МЕРОСИ ҶАҲОНИИ ЮНЕСКО ВОРИД ГАРДИД

Ёдгориҳои мероси фарҳангии Хуттали Қадим ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуданд. Қарори дахлдор 12 июли соли 2025 зимни иҷлоси 47-уми Кумитаи мероси ҷаҳонӣ дар шаҳри Париж қабул гардид.

Ёдгориҳои мероси фарҳангии Хуттали Қадим 5-умин мавзеи Тоҷикистон ҳамчун мероси ҷаҳонӣ муаррифӣ шудааст.

Номинаи мазкур 11 ёдгории бостоншиносӣ ва меъмории воқеъ дар ноҳияҳои Восеъ, Данғара, Ҷалолиддини Балхӣ, Фархор ва Ховалинги вилояти Хатлонро дар бар мегирад: Дайри Буддоии Аҷинатеппа, Қалъаи Ҳулбук, Шаҳристони Ҳулбук, Шаҳраки Манзаратеппа, Қалъаи Золи Зар, Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин, Шаҳраки Ҳалеварد (Кофирқалъа), Шаҳристони Золи Зар, Корвонсаройи Тоҳир, Шаҳртеппа ва Дайри Буддоии Хишттеппа. Яке аз мавзеъҳои асосии номинаи мазкур маҷмааи бостоншиносии «Қалъаи Хулбук» – пасмондаҳои қасри пойтахти Хуттали Қадим, ки мероси он ба шарофати маҷмуи чораҳои андешидашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳё гардид, нақши махсус дорад.



Тибқи гузориши ЮНЕСКО, ин ёдгориҳо фарҳанги гуногунҷанбаи Хуттали Қадим як давлати мустақили асримиёнагиро нишон медиҳанд, ки аз асрҳои 7 то 16-и мелодӣ дар қаламрави вилояти Хатлон шукуфоӣ доштаанд. Ин давлат ҳамчун маркази фаъоли истеҳсолии Роҳи бузурги Абрешим ба мубодилаи арзишҳои фарҳангии минтақавӣ низ таъсири калон расонидааст.

Пешбарии номинаи «Хуттали Қадим» аз соли 2023 инҷониб бо талошҳои муштараки мутахассисони Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО-и Вазорати корҳои хориҷӣ ва Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дастгирии Пажуҳишгоҳи байналмилалии Осиёи Марказӣ, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон амалӣ шудааст.

Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj | Телефон барои тамос: 225-81-55

*Некӣ кун, агар туро дастрас аст,*
*К–ин олам ёдгори бисёр кас аст.*
*Абдулмаҷди Саноӣ*



БУНЁДКОРӢ

# Ифтитоҳи гулгашт ва муҷассамаи Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ

***11 июл сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Айнӣ бо ифтитоҳи гулгашт ва муҷассамаи Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ оғоз ёфт.***

Бунёди иншоот ба истиқболи сазовори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва дар заминаи сиёсати фарҳангпарваронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эҳтиром нисбат ба шахсиятҳои барҷастаи миллат сохта шудааст.

Гулгашти Гулназар Келдӣ дар хиёбони Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар маркази ноҳияи Айнӣ доман густурда, масоҳати умумии он бо дарназардошти иншооти ёрирасон 900 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

Иншооти фарҳангию фароғатӣ бо дарназардошти талаботи меъморию шаҳрсозии муосир бунёд шуда, барои фароғати сокинону меҳмонон омода гаштааст.

Саҳн ва атрофи он бо гулу буттаҳои ҳамешасабзу ороишӣ зебо ва чароғон аст. Суҳбаткадаҳо, айвонча ва дигар инфрасохтори зарурӣ қисмҳои иловагии иншоот буда, доман густурдани он ба ҳусни маркази ноҳияи Айнӣ зебоии дигар зам менамояд.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо корҳои анҷомёфта дар ин ҷо ба дастандаркорон барои тасвири шоистаи шоир дар муҷассама баҳои баланд доданд.




Таъкид шуд, ки дар оянда ин макони сайру саёҳат ҳамчун маркази баргузории чорабиниҳои адабию фарҳангӣ низ ба мардум хидмат хоҳад кард.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, нақши Гулназар Келдиро ҳамчун шоири ватансаро дар тарбияи маънавии мардум неку муассир арзёбӣ намуданд.

Бояд гуфт, ки устод Гулназар муаллифи Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз шахсиятҳоест, ки офаридаҳояш барои наслҳои имрӯзу оянда ҳамчун ганҷинаи адабиёти муосири тоҷик хидмат хоҳад кард.

# Маҷмааи фарҳангию фароғатии Боғистон ва тақдими туҳфаҳо ба ятимон

***11 июл Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Сангистони ноҳияи Айнӣ ба фаъолияти Маҷмааи фарҳангию фароғатии Боғистон оғоз бахшиданд.***

Иншооти фарҳангӣ ба истиқболи ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бунёд шуда, баъд аз ба фаъолият пардохтани он, дар маҷмуъ, 32 сокини бешуғл бо кор таъмин хоҳанд шуд.

Масоҳати умумии маҷмаа 8 ҳазор метри мураббаъ мебошад. Маҷмааи фарҳангию фароғатии Боғистон аз як ошёна ва таҳхона иборат аст. Дар он китобхонаи замонавӣ бо 5 ҳазор адабиёти ҷаҳонии муосир, классик ва бачагона, коргоҳи пойафзолбарорӣ бо иқтидори истеҳсолии 20 ҳазор ҷуфт пойафзол дар як сол, кошонаи ҳусн, толори варзишӣ, ҳуҷраҳои кории мактаби варзишии ноҳия, хонаи бахт, тарабхона бо 150 ҷойи нишаст ва дигар иншооти ёрирасон сохта шудааст.

Зимни шиносоӣ Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, ба фаъолият пардохтани онро барои таъмини инфрасохтор дар бахшҳои алоҳида неку муассир арзёбӣ намуданд.

Қобил ба зикр аст, ки бинои маҷмааи Боғистон бо тарҳ ва усулҳои хоси меъмории миллӣ бунёд шуда, ба яке аз маконҳои хуби сайругашти сокинону меҳмонон табдил ёфтааст.

Саҳн ва атрофи бино сабзкорӣ шуда, барои истироҳати сокинон суҳбаткадаву айвонҳои муосир бунёд гардидааст.

Коргоҳи истеҳсоли пойафзол, дар асоси Барномаи рушди саноатикунонии кишвар рӯйи даст гирифта шуда, тамоми таҷҳизоти насбгардида истеҳсоли насли нав мебошад ва неруи баркро сарфа мекунад.

Ба Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки ҳоло иқтидори истеҳсолии коргоҳ 20 ҳазор ҷуфт дар як сол буда, бо дарназардошти зиёд гардидани талабот ҳаҷми истеҳсол афзоиш ва теъдоди коргарон низ ба маротиб зиёд карда мешавад.

Дар ҳамин ҷо Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, аз китобхонаи маҷмаа дидан карда, бо шароити кории он шинос шуданд.

Дар китобхонаи электронии ин махзани илм 2 ҳазор нусха китоб маҳфуз буда, барои дӯстдорони каломи бадеъ имконияти мусоид муҳайё шудааст.

Гӯшаҳои озмунҳои ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла, Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ва «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» қисмҳои алоҳидаи китобхонаро ташкил медиҳад, ки бо адабиёти зарурӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Бо мақсади тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва оммавияти варзиш дар Маҷмаа муассисаи давлатии Мактаби варзишии ноҳиявӣ бо дарназардошти толору дигар инфрасохтори зарурӣ фаъолият менамояд.

Ҳамчунин, толори варзишӣ барои бозиҳои тенниси рӯйи миз, гӯштин, вазнбардорӣ ва бозиҳои шашкаву шоҳмот пешбинӣ шудааст. Ҷавонону варзишгарон барои ин иқдоми Роҳбарияти олии кишвар изҳори сипос намуданд.

Хонаи ақди никоҳ ва кошонаи ҳусн аз имкониятҳои алоҳидаи маҷмаа аст, ки бо лавозимоти зарурӣ муҷаҳҳаз мебошад.

Тарабхонаи миллии маҷмаа дорои 150 ҷойи нишаст буда, барои гузаронидани чорабиниҳои гуногун мувофиқ мебошад. Тарҳ ва намои тарабхона сирф миллӣ буда, бо санъати баланди меъмории муосир ҳаккокӣ шудааст.

Дар ҳамин ҷо Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо 80 нафар ятим ва тарбиятгирандаи мактаб-интернатҳои ноҳияҳои Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ мулоқот карда, ба онҳо туҳфаҳо тақдим намуданд.

Мавриди зикр аст, ки чун анъана Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ҳар як сафари кориашон аз ҳолу аҳволи ятимон бохабар гардида, нисбати ин қишри ҷомеа ғамхорӣ зоҳир менамоянд.

Аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баробари оростани дастархони пурнозу неъмат ба наврасону ҷавонон, ки бо амри тақдир аз навозиши падару модар бенасиб мондаанд, маҷмуи сару либос ва кумаки молиявӣ тақдим карда шуд. Ин ҳолат хушҳолию фараҳи кӯдаконро афзун намуд.

Ятимон бо шодию нишот аз дасти Роҳбари инсондӯст туҳфаҳои арзишманд гирифтанд. Кӯдакон аз он изҳори хушҳолӣ мекунанд, ки ҳамеша тахти ғамхорию дастгирии Пешвои маҳбуби миллат қарор доранд.

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо наврасону ҷавонони ятим ва тарбиятгирандагони мактаб-интернатҳои ноҳияҳои Айнӣ ва Кӯҳистони Мастчоҳ суҳбати самимӣ ороста, онҳоро ба таҳсили хубу аъло, омӯхтани касбу ҳунар, забонҳои хориҷӣ ва кор бо технологияҳои муосир ҳидоят намуданд.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки Ҳукумати кишвар ҳамеша ба қишри ниёзманди ҷомеа, бахусус, ятимон ва шахсони имконияташон маҳдуд таваҷҷуҳи ҳамаҷониба равона месозад.



# Муассисаи таҳсилоти томактабии «Нилуфар» дар Панҷакент

***11 июл Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ ба вилояти Суғд ба шаҳри Панҷакент ташриф овардanд.***

Нахуст Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳоти Лоиқ Шералии шаҳри Панҷакент бинои нави муассисаи таҳсилоти томактабии «Нилуфар»-ро мавриди истифода қарор доданд.

Муассисаи навбунёд сеошёна буда, барои ба тарбияи томактабӣ фаро гирифтани 300 кӯдак бунёд гардидааст.

Иншооти мазкур дар заминаи дастуру супоришҳои Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба фарогирии бештари кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ бунёд гардида, дорои имкониятҳои хуби таълиму тарбия мебошад.

Синфхонаи машғулиятҳои амалӣ, хобгоҳ, ошхона ва дигар ҳуҷраҳои муассисаи таҳсилоти томактабӣ мувофиқ ба завқи кӯдакон бо таҷҳизоти муосири соҳавӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти томактабии «Нилуфар» дар доираи омодагиҳо ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ туҳфаи хуб дониста шуд ва сокинони шаҳри Панҷакент самимияту миннатдории хоси худро ба Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён намуданд.

Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити муассиса ба сифати корҳои сохтмонӣ ва ташкили фазои мусоиди таълим баҳои баланд дода, барои дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ тарбия намудани фарзандон ба масъулин дастуру супоришҳо доданд.

# Таълимгоҳи нав

***11 июл Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Панҷакент муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №115-ро ифтитоҳ намуданд.***

Иншооти соҳаи маориф бо ҷонибдорӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири ташаккули зеҳну тафаккури хонандагон ва рушди соҳаи маориф бунёд шудааст.

Зимни шиносоӣ бо шароити муассиса ба Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки иншоот барои ба таҳсил фаро гирифтани 800 хонанда дар ду баст пешбинӣ шуда, дар он 36 омӯзгори соҳибтахассус бо кор таъмин шудаанд.

Бинои таълимӣ дорои 21 синфхонаи муҷаҳҳаз, ҳуҷраҳои корӣ, толори фарҳанг бо 63 ҷойи нишаст, китобхона, ошхона, толору майдончаи варзишӣ ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон буда, ҷавобгӯ ба талаботи байналмилалӣ сохта шудааст. Кабинетҳои фаннӣ, аз ҷумла, физика, химия, биология, технологияи информатсионӣ ва дигар шароити мусоиди таълиму тадрис ба ташаккули дониши муҳассилин мусоидат менамояд.

Раванди таълим дар асоси барномаҳои давлатии таълимии соҳавӣ бо забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, русию англисӣ ба роҳ монда шудааст. Қабули хонандагон ба муассиса бо роҳи санҷиш ва баҳогузории донишу маҳорат сурат мегирад.

Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулонро вазифадор намуданд, ки сатҳу сифати таълиму тарбияро мунтазам назорат ва таҳлил намоянд, омӯзгоронро пайваста ба курсҳои такмили ихтисос ҷалб намуда, барои таълифи дастурҳои дарсии мутобиқ ба воқеияти миллию ҷаҳонӣ иқдом намоянд.

Дар ҳамин ҷо Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ ба фаъолияти як қатор иншоот, аз ҷумла, муассисаи таълимии томактабӣ дар деҳаи Суҷина барои 120 кӯдак, бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар деҳаи Косатарош барои 520 хонанда дар ду баст, синфхонаҳои иловагӣ дар деҳоти Сор барои 120 хонанда, бинои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар маркази шаҳр бо 63 ҷойи корӣ, бинои Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар деҳоти Саразм, бинои Ҷамоати деҳоти Лоиқ Шералӣ ва меҳмонхонаи «Фариз»-и дорои 60 ҳуҷра дар маркази шаҳри Панҷакентро ифтитоҳ намуданд.

*Қуввати некӣ надорӣ, бад макун,*
*Бар вуҷуди худ ситам беҳад макун!*
*Фаридуддини Аттор*

«Омӯзгор»
№29, 16 июли
соли 2025



СОЗАНДАГӢ

***11 июл Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар ноҳияи Айнӣ ба таври фосилавӣ барои сохтмони як қатор иншооти таъйиноташон гуногун, ки дар доираи истиқбол аз ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ рӯйи даст гирифта шудааст, оғоз бахшида, 3 корхонаи саноатиро мавриди истифода қарор доданд.***



# Ифтитоҳи корхонаҳои саноатӣ, 2 мактаб ва 6 кӯдакистон

Ҳамчунин, дар ин маросим Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фаъолияти 2 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 6 кӯдакистон, ки дар деҳаҳои Зосун, Хайробод, Вахдатобод, Каздон, Анзоб ва Фондарё ҷойгиранд, оғозӣ расмӣ бахшиданд.

Корхонаи муштараки маъдани Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «АРБ Минералс ГРУПП» аз ҷумлаи онҳо буда, самти фаъолияташ ба коркарди пурраи сурма бо истифодаи технологияи сабз ва масрафи ками неруи барқ равона шудааст.

Зимни муаррифӣ ба Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки корхона бо сармоягузории муштараки ватанию хориҷӣ бо дарназардошти ҳадафҳои Ҳукумати кишвар дар самти саноатикунонии босуръати кишвар рӯйи даст гирифта шуда, дар марҳалаи аввал 35 нафар бо кор ва маоши баланд таъмин мегарданд.

Иқтидори коркарди сурма дар як шабонарӯз дар марҳалаи аввал истеҳсоли 10 тонна, дар марҳалаи дуюм истеҳсоли 100 тонна дар як рӯз маҳсулоти ниҳоии сурма пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин, дар оянда маъданҳои қиматбаҳо ба мисоли тилло, симоб ва амсоли инҳо коркард хоҳад шуд.

Тамоми техникаю технологияҳои насбшуда аз лиҳози сарфаи неруи барқ каммасраф мебошанд ва иқтидори истеҳсолии зиёд доранд. Маҳсулот триоксиди 63% ва сурмаи металлии 99,65% стандарти байналмилалӣ бо иловаи барқароркунии металҳои ҳамроҳ, аз қабили тилло ва симоб ба роҳ монда шудааст.

Илова бар ин, Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди «АРБ Минералс ГРУПП» ба коркарди маъдан дар 3 зина, яъне, ғанисозии ибтидоӣ, табдил ба триоксиди сурма, гудозиш ва истеҳсоли сурмаи соф фаъолияти худро ба роҳ мондааст.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо ҷараёни фаъолияти корхона ба ҳиммати ҷавонмардонаи ташаббускорон баҳои баланд дода, ифтитоҳи иншооти саноатиро дастоварди навбатӣ дар ин самт арзёбӣ намуданд.

Ташаббускорон дар навбати худ ба Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирии соҳибкорон изҳори миннатдорӣ намуда, дар оянда ҷиҳати саҳмгузорӣ дар гулгулшукуфоии Ватан изҳори омодагӣ намуданд.

Дар ҳамин ҷо, ҳамчунин, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ ба фаъолияти ду корхонаи дигари саноатӣ - ҶСК «Ангишти Тахт» ва марҳалаи дуюми корхонаи ҶДММ «ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ» оғоз бахшиданд.

Корхонаи ҶСП «Ангишти Тахт», ки дар деҳоти Фондарё бо дарназардошти талаботи муосир бунёд гардидааст, самти фаъолияти он коркарди ангишт ба шумор меравад.

Ташкили корхонаи мазкур бо мақсади истифодаи захираҳои бойи табиии Тоҷикистон роҳандозӣ шуда, иқтидори истихроҷи ангишт 90 ҳазор тонна дар як сол пешбинӣ гардидааст ва корҳои омӯзишию геологӣ аз ҷониби мутахассисони маҳаллӣ сомон дода мешавад.

Дар корхонаи мазкур озмоишгоҳи замонавӣ бо насби таҷҳизоти насли нав мавҷуд буда, баҳри муайян намудани сифати ангишт, намнокӣ, гармидиҳӣ, хокистарнокӣ ва сулфури ангишт пешбинӣ гардидааст, ки аз бартариятҳои кони ангиши ҶСК «Ангишти Тахт» дониста мешавад.

Ҳамчунин, дар озмоишгоҳи корхона ҳар як маҳсулоти ба фурӯш гузошташуда аз ташхис гузаронида мешавад. Бояд тазаккур дод, ки барои истихроҷи ангишт 70 техника ва таҷҳизоти муосири соҳавӣ ҷалб ва дар маҷмуъ, 250 нафар дар ин ҷо бо кори доимӣ таъмин шудаанд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба фаъолияти корхона баҳои баланд дода, ба ташаббускорон барои ҳамоҳангӣ ва дастгирии иқдомҳои Ҳукумати кишвар изҳори сипос намуданд.

Самти фаъолияти марҳалаи дуюми корхонаи ҶДММ «ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ» истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ мебошад. Корҳои бунёдӣ барои марҳалаи дуюми корхона соли 2024 оғоз гардида, дар муҳлати муайяншуда ва бо сифати баланд ба истифода дода шуд.

Масоҳати корхона 6 ҳазору 500 метри мураббаъ буда, иқтидори истеҳсолу коркарди консентрати тилло 4 ҳазору 500 тоннаро дар як шабонарӯз дар бар мегирад. Дар коргоҳ ҳуҷраи махсуси назоратӣ мавҷуд буда, аксарияти корҳои истеҳсолӣ ба таври автоматӣ ба роҳ монда шудааст.

Ҳоло баъди ба истифода қарор додани коргоҳи мазкур 300 нафар бо кор таъмин шуда, ҳамагӣ пеш аз оғози кор аз курсҳои бозомӯзӣ бо ҷалби мутахассисони ҳирфаии геологӣ гузаронида мешаванд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳи чунин корхонаи бузургро дар самти дастёбӣ ба ҳадафҳои Ҳукумати кишвар доир ба саноатикунонӣ неку муассир арзёбӣ карданд.

Гуфта шуд, ки дар корхона аксаран мутахассисони маҳаллӣ фаъолият менамоянд. Аксари корҳои сомонёфта дар корхонаи мазкур, аз ҷумла, истихроҷи маъдан ва дастрасии ашёи хом, ки дар релйефҳои номусоид амалӣ мешаванд, аз ҷониби мутахассисону геологҳои ватанӣ анҷом дода мешаванд, ки яке аз дастовардҳои ин коргоҳ ба шумор меравад.

Тибқи иттилоъ, бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани корхонаҳои нав, дар маҷмуъ, 595 нафар бо кор ва маоши хуб таъмин гардид.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин барои баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ, сифати маҳсулот ва ҷалби мутахассисони ватанӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Дар доираи сафари корӣ ба ноҳияи Айнӣ Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври фосилавӣ, ҳамчунин, 6 муассисаи томактабӣ ва 2 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро ифтитоҳ намуданд.

Беморхонаи минтақавии №6, ки дар ҳудуди деҳоти Фондарё ба истифода дода шуд, аз 2 ошёна иборат буда, бо маблағи 8 миллион сомонӣ бо саҳми як гурӯҳ соҳибкорони ватанӣ сохта шудааст.

Муассисаи тиббӣ дорои 29 ҳуҷра барои нигоҳдории беморон ва 5 ҳуҷраи корӣ мебошад. Дар ошёнаҳои якум ва дуюми бино ҳуҷраи қабул, муолиҷа, таваллуд, ҷарроҳӣ, бастабандӣ ва доругузаронӣ, инчунин, ҳуҷраи бемориҳои кӯдакона ва ҳамшираи шавқат мавҷуд мебошад. Беморхона ба сокинони деҳаҳои Ҳайронбед, Махшевад, Тӯда, Диҷик, Сатоқ, мавзеи Искандаркӯл ва корхонаҳои дар ин макон қарордошта хидмат мерасонад. Ҳамзамон, бо ин 14 нафар бо ҷойи кор ва маоши хуб таъмин гардид.

Муассисаи таҳсилоти томактабии «Парасту»-и деҳаи Зосун бо фарогирии 80 кӯдак дар доираи таваҷҷуҳ ва ғамхориҳои пайвастаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф ва дастгирии соҳибкорони деҳа бо дарназардошти 3520 нафар аҳолии деҳа бунёд гардидааст.

Иттилоъ дода шуд, ки муассисаи томактабӣ бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бо рахти хоб, мизу курсӣ ва дигар лавозимоти зарурӣ таъмин гардид.

Муассисаи таҳсилоти томактабии рақами 8-и деҳаи Каздони Ҷамоати деҳоти Шамтучи ноҳия, ки «Дурахшон» номгузорӣ шудааст, дар доираи сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мусоидати Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия бо маблағгузории аҳолии деҳа дар заминаи азнавсозии бинои қаблии Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 48 мавриди истифода қарор дода мешавад.

Муассиса аз 8 ҳуҷра, толор ва ошхона иборат буда, бо шароити мусоид таъмин мебошад ва тибқи лоиҳа барои 80 нафар пешбинӣ шудааст. Ороиши бино ва саҳну майдони бозӣ бо сифати баланд анҷом дода шуда, рахти хоб, мизу курсӣ ва аёнияту ашёи фароғату таълим мувофиқ ба завқи кӯдакон фароҳам оварда шудааст. Иншоот бо тарҳи зебо ва замонавӣ қомат афрохта, атрофаш бо гулу дарахтон оро дода шудааст, ки ба ҳусни деҳаи Каздон зебоии дигар зам мекунад.

Ёдовар мешавем, ки моҳи ноябри соли 2023 дар доираи сафари кории Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд дар деҳаи Каздон бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48 мавриди истифода қарор дода шуда буд. Муассисаи дуошёна барои 320 хонанда дар як баст пешбинӣ шудааст. Бояд гуфт, ки дар ин деҳа қаблан барои таълиму тарбияи хонандагон шароиту имконоти мусоид фароҳам набуд.

Таъмиру навсозии роҳу кӯчаҳои деҳ, пул, бетонпӯш кардани ҷӯйбору обравҳо, чароғонсозии маҳал аз корҳои дастҷамъонаест, ки бо саҳмгузорию иштироки ҳамаи сокинони деҳа анҷом дода шудааст.

Дар деҳаи Анзоб кӯдакистони наву замонавии «Ориёно» бо фарогирии 80 кӯдак мавриди истифода қарор дода шуд. Таъкид гардид, ки дар деҳаи мазкур 1829 нафар зиндагӣ менамоянд. Муассисаи мазкур дуошёна буда, бо тамоми лавозимоти зарурӣ таъмин шудааст, ки дар баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии наврасон заминагузор хоҳад буд.

Ҳамчунин, ба тарбиятгирандагони ин муассисаҳо тӯҳфаҳои Пешвои миллат аз ҷониби намояндагони Ҳукумати кишвар тақдим карда шуд.

Дар ин рӯз, ҳамзамон, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №52 дар деҳаи Хайробод бо фарогирии 138 нафар хонанда мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.

Иттилоъ дода шуд, ки бинои муассиса бо ташаббуси соҳибкорони маҳаллӣ дар доираи тадбирҳои ободонӣ бунёд гардидааст. Мактаб дорои 8 синфхона ва 3 ҳуҷраи корӣ мебошад.

Сокинони ноҳияи Айнӣ бо дар назардошти шароити фароҳамшуда ва таъмини ҷойҳои корӣ ба Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзи сипос намуданд.

***12 июл Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар ноҳияи Деваштич, дар деҳаи Басманда муассисаи таҳсилоти томактабии №6-ро, ки «Фотима ва Зуҳро» номгузорӣ шудааст, мавриди истифода қарор доданд.***

# Муассисаи таҳсилоти томактабии №6 дар деҳаи Басманда

Ба Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки сохтмони бинои кӯдакистони «Фотима ва Зуҳро» дар ноҳияи Деваштич, ки аз 2 ошёна иборат аст, соли 2021 оғоз гардида, бо тарҳи замонавӣ бунёд шудааст.

Муассисаи томактабӣ дар 4 гурӯҳ 120 кӯдакро ба тарбия фаро мегирад. Дар ин иншооти соҳаи маориф наздики 30 омӯзгор бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

Бо мақсади дар фасли зимистон бо гармӣ таъмин кардани бино, кӯдакистон дорои шабакаи худии гармидиҳӣ мебошад. Барои ин дар ин ҷо дегхона ва ҳавзи нигаҳдории об низ бунёд ёфтааст.

Дар ҳудуди муассиса 2 майдончаи бозӣ барои кӯдакон мавҷуд буда, ҳудуди он сабзкорӣ ва пурра чароғон шудааст.

Муассисаи томактабӣ дар асоси нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ба муносибати таҷлили бошукӯҳи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо саҳми соҳибкорони маҳаллӣ ва шахсони саховатпеша бо тарҳи замонавӣ таъмиру навсозӣ гардидааст.

Баъди шиносоӣ бо иншооти тозабунёд Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, барои дар руҳияи хештаншиносиву меҳанпарастӣ тарбия намудани хурдсолон, ки дар ин раванд зинаи аввали таҳсилот ва фаъолияти муассисаҳои томактабӣ муҳим мебошад, масъулинро вазифадор намуданд.

**Дар назди 10 муассисаи таълимии ноҳияи Шаҳринав 400 нафар кӯдаку наврас ба истироҳат фаро гирифта шудаанд.**

*Агар бинӣ, ки нобинову чоҳ аст,*
*Агар хомӯш биншинӣ, гуноҳ аст.*
*Саъдии Шерозӣ*



# 5 кӯдакистон, муассисаи таълимӣ, толори варзишӣ ва бинои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар Деваштич

***12 июл Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳаи Басмандаи ноҳияи Деваштич 5 кӯдакистон, муассисаи таълимӣ, толори варзишӣ ва бинои маъмурии Кумитаи иҷроияи ноҳиявии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ба таври фосилавӣ ифтитоҳ намуданд.***

Муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бо сахми соҳибкорони маҳаллӣ ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон бунёд гардидааст.

Дар кӯдакистон шароити мусоиди таълим барои омӯзиш, машғулият ва бозиҳои гуногуни амаливу зеҳнии кӯдакон фароҳам оварда шудааст.

Дар 5 кӯдакистон ва муассисаи таълимии томактабӣ дар деҳаҳои Ҳазорчашма, Нуробод, Росровут, Чӯянгарон ва Басманда, дар маҷмуъ, зиёда аз 400 кӯдак ба машғулиятҳои шавқовару зеҳнӣ фаро гирифта шуда, ҳамзамон, дар онҳо беш аз 100 мураббӣ бо кори доимӣ таъмин гардид.

Ба Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки ҳоло дар ноҳияи Деваштич зиёда аз 10 муассисаи таҳсилоти томактабӣ фаъолият намуда, дар ташаккули зеҳнии кӯдакон ва баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия мусоидат менамояд.



Дар ҳамин ҷо бинои сеошёнаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48, дар деҳаи Муҷуни ноҳияи Деваштич, ки барои 1000 хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст, ифтитоҳ гардид. Он бо сахми соҳибкорони маҳаллӣ сохта шуда, аз 18 синфхонаи муосири таълимӣ бо дастгоҳу лавозимоти хониш муҷаҳҳаз иборат мебошад. Майдончаи варзишӣ ва таълимгоҳ барои гузаронидани дарсҳои омодагии ибтидоии ҳарбӣ аз имкониятҳои дигари мактаб мебошад.

Иттилоъ дода шуд, ки ҳоло дар ноҳияи Деваштич беш аз 78 муассисаи таълимӣ бо фарогирии 41 454 хонанда фаъолият дорад.

Инчунин, дар ин рӯз толори варзишӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 дар маркази ноҳияи Деваштич ба фаъолият оғоз намуд.

Иншооти варзишӣ дорои толори варзишӣ бо зиёда аз 250 ҷойи нишаст ва ҳуҷраҳои корию либосивазкунӣ мебошад. Ҷавонон имкон доранд, ки дар толори варзишӣ ба бозиҳои гуногуни варзишӣ, аз ҷумла, баскетбол, футболи хурд ва дигар намудҳои варзиш машғул шаванд.

Зимни шиносоӣ ба Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар маҷмуъ, дар ҳудуди ноҳия 78 майдончаи варзишӣ, 29 толори варзишӣ ва 1 маҷмааи варзишӣ фаъолият менамояд.

Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Деваштич ба таври фосилавӣ бинои маъмурии Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикисонро ба истифода доданд.

Бинои маъмурии Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз ду ошёна, 8 ҳуҷраи корӣ, маҷлисгоҳ барои 50 коргар иборат мебошад.

Бинои мазкур аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Деваштич, соҳибкорон ва аъзои фаъоли ҳизб бо тарҳи муосир сохта шудааст.

Дар иншоот барои пешбурди фаъолияти корӣ беҳтарин шароит фароҳам оварда шудааст.

Кормандони Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон уҳдадор шуданд, ки дастуру супоришҳои Пешвои миллатро сармашқи корӣ қарор дода, фаъолияти хешро ҷоннок намоянд ва дар ободонӣ ва таҳкиму суботи кишвар саҳми муассир гузоранд.



# Ифтитоҳи факултети рақами 4-и Академияи ВКД дар шаҳри Хуҷанд

***13 июл Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои факултети №4-и Академияи Вазорати корҳои дохилиро дар шаҳри Хуҷанд ифтитоҳ намуданд.***

Иншооти нави таълимӣ аз 6 ошёна, таххона, 12 синфхонаи барҳаво, маҷлисгоҳ бо 500 курсӣ, хобгоҳ бо 176 ҷойи хоб ва ошхона иборат мебошад.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулини дахлдори соҳа, омӯзгорон ва курсантонро барои истифодаи бамаврид аз имконияти фароҳамшуда ва баланд бардоштани малакаи касбии кормандони ояндаи милитсия вазифадор намуданд.

Ҳудуди умумии муассиса 7 гектарро ташкил медиҳад ва майдони васеъ оянда барои бунёди иншооти варзишӣ ва сабзкорӣ пешбинӣ шудааст.

Қаблан бо сабаби нарасидани синфхонаҳо ва набудани шароит раванди таълим дар дигар муассиса сурат мегирифт. Ғамхории Ҳукумати кишвар ва бунёди чунин бинои хуштарҳу замонавӣ имкон фароҳам овард, ки курсантон ва шунавандагони ин факултети Академияи Вазорати корҳои дохилӣ дар шароити замонавӣ ба омӯзиш фаро гирифта шаванд.

Бинои факултети №4-и Академияи Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Хуҷанд дар асоси лоиҳаи муосир бо маблағгузорӣ аз буҷети вилоятӣ сохта шудааст. Бунёду навсозии иншооти гуногун ва мутобиқ ба талабот, фароҳам овардани шароит ҷавононро ба таҳсили хуб ва хидмати содиқона ба нафъи давлату миллат водор менамояд.

Дар сахни муассиса майдони сафороӣ ба гузаронидани чорабиниҳои тантанавӣ бунёд гардидааст.

Дар ҳамин ҷо намунаи тарҳи либосҳои низомӣ барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод гардид.

Ҳамчунин, дар ҳамин рӯз ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи бинои Литсейи «Дурахшандагон»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои 500 хонанда ва хобгоҳ бо 260 ҷойи хоб муаррифӣ карда шуд.

Муассисаи нави таълимӣ дорои 25 синфхона, маҷлисгоҳ бо 150 курсӣ, китобхона бо толори хониш, озмоишгоҳ, ҳуҷраҳои таҷрибаомӯзӣ ва дигар иншооти ёрирасон хоҳад буд.

Бинои хобгоҳ барои таълимгирандагон аз 3 ошёна иборат буда, дорои 85 ҳуҷра мебошад. Ҳамзамон, дар ҳудуди хобгоҳ бунёди ошхона барои 240 нафар, толор ва майдончаи варзишӣ пешбинӣ шудааст.

# Мактаби санъати шаҳри Бӯстон навсозӣ шуд

***13 июл Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар кӯчаи Куруши Кабири шаҳри Бӯстон бинои зебою замонавии Муассисаи давлатии «Мактаби санъати ба номи Шодмон Алифов»-ро дар фазои тантанавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.***



Бинои мактаби санъат, ки аз се ошёна ва таххона иборат аст, дар асоси дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Бӯстон навсозӣ гардид.

Бинои муассиса дорои 47 синфхонаи барҳаво, ҳуҷраҳои корӣ барои омӯзгорон, толори консертӣ бо фарогирии 100 ҷойи нишаст ва дигар иншооти ёрирасон мебошад.

Тадбирҳои марбут ба таъмиру навсозии мактаби санъатро коргарону мутахассисони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сайҳуни Хуҷанд» амалӣ намудаанд.

Дар мактаб бо истифода аз шароиту имконоти фароҳамгардида ба наврасон аз 7 то 10-сола дар 5 шуъбаи фаъолияткунанда омӯзиши сози конун, рубобҳои гуногун, доира, най, карнай, фортепиано, санъати овозхонӣ, рассомӣ, ҳунари кешбофӣ, гулдӯзӣ, қолинбофӣ, адрасу атласбофӣ ва кандакорӣ ба роҳ монда шуда, масъулияти таълим, хосса такмили истеъдоду маҳорати тарбиятгирандагон ба ӯҳдаи 38 устоди соҳибмаълумот ва ҳунарманди касбӣ вогузор мебошад.

Дар ин муассисаи фарҳангӣ дар ду баст ба таҳсил ва омӯзиши ҳунарҳои гуногун фаро гирифтани то 800 наврас имкон дорад. Раванди таълим асосан бо усули инфиродӣ сурат мегирад.

Иттилоъ дода шуд, ки ҳамасола теъдоди зиёди тарбиятгирандагони мактаби санъати шаҳри Бӯстон дар озмунҳои сатҳи вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, бо муаррифии ҳунару истеъдоди худ соҳиби дипломи ҷоизаҳо мегарданд. Хусусан, дар давоми 4 соли охир 5 нафари онҳо дар даври ниҳоии Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» ба гирифтани ҷойҳои намоён мушарраф шудаанд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароити фароҳамгардида ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, омӯзгорони мактаби санъатро ба фаъолияти пурсамар ҳидоят намуданд.

Дастур дода шуд, ки аз шаҳру ноҳияҳои атроф низ наврасони дорои ҳунару истеъдод дар муассиса ба омӯзишу азхудкунии ҳунарҳои гуногун фаро гирифта шаванд, то аз беҳтарин шароиту имконияти дар ин ҷо фароҳамшуда ба таври зарурӣ истифода намоянд.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, дар барномаи консертии тарбиятгирандагони мактаби санъат иштирок намуданд. Барномаи рангини фарҳангӣ, ки аз оҳангу сурудҳои ватандӯстона иборат буд, писанди ҳамагон гардид.

Ёдовар мешавем, ки Муассисаи давлатии «Мактаби санъати ба номи Шодмон Алифов»-и шаҳри Бӯстон соли 1958 таъсис ёфта, дар даврони соҳибистиқлолии кишвар бо таваҷҷуҳу дастгириҳои ҳамешагии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шароити ҳуноромӯзии наврасон дар он ба талаботи замон мутобиқ карда шуд.

Соли равон дар вилояти Суғд бояд 60 кӯдакистон ва 73 мактаби нав бунёд ёбад.

***www.president.tj***

**Аз соли 2022 то шаш моҳи соли 2025 дар шаҳри Хоруғ 295 иншоот мавриди истифода қарор дода шуд.**

**ИҚДОМ**

***13 июл Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои милат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шафати Маҷмааи муосири «Кайҳон»-и ҶСК- «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» бинои нави тарабхонаро ифтитоҳ намуданд.***




Бо мавриди истифода қарор гирифтани тарабхонаи муосир боз 20 сокини маҳаллӣ соҳиби кор гардиданд.

## Бинои нави тарабхонаи «Кайҳон» ва дастгирии ятимон

Иншооти навбунёд аз 3 ошёна иборат буда, дар масоҳати умумии зиёда аз 1500 метри мураббаъ сохта шудааст.

Дар ошёнаи якуми бинои муосир ошхонаи замонавӣ бо 300 ҷойи нишаст фароҳам гардидааст. Инчунин, бинои навбунёд дорои таҳхона барои нигоҳдории маҳсулот ва айвони калону барҳаво мебошад.

Хизматрасонӣ дар тарабхонаи маҷмааи мазкур ба таври шабонарӯзӣ ба роҳ монда шудааст, ки давоми 24 соат мизоҷон метавонанд аз он истифода намуда, истироҳати худро комил гардонанд.

Дар ҳамин ҷо Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо 100 ятими кул ва шахсони имконияташон маҳдуд аз шаҳру ноҳияҳои Бӯстон, Гулистон, Бобоҷон Ғафуров ва Конибодом мулоқот намуданд.

Вохӯрии Роҳбари давлат бо нафарони бо амри тақдир аз падару модари худ бенасибшуда бозгӯ аз мавриди таваҷҷуҳ ва пуштибонӣ қарор доштани ятимону ниёзмандон аз ҷониби Ҳукумати кишвар арзёбӣ мешавад.

Зимни мулоқот Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини шароити хуби таҳсил ва зиндагии шоистаи онҳо пайваста чораҳои зарурӣ, саривақтӣ ва муассир меандешад.

Дар ҳамин ҷо аз ҷониби Пешвои миллат барои ятимон хони пурнозу неъмат ороста гардида, ҳамчунин, ба онҳо туҳфаҳои хотирмон тақдим карда шуд. Туҳфаҳо аз сару либос ва лавозимоти дарсӣ, шириниҳо ва кумакҳои пулӣ иборат буд.

Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин бобати нигоҳубини хуби ятимон дастуру тавсияҳо дода, худи онҳоро ба омӯхтани дониш, касбу ҳунар ва забонҳои хориҷӣ ҳидоят намуданд.

***www.president.tj***

***9 июли соли 2025 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода бо иштироки муовини якум, муовинони вазир, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсати маорифи вилояти Хатлон ва роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат ҷаласаи корӣ баргузор гардид.***

## Баррасии масъалаи гузариш ба низоми таҳсили 12-сола



Зимни ҷаласа масъалаи гузариш ба низоми таҳсили 12-сола мавриди муҳокима қарор дода шуда, таъкид гардид, ки татбиқи ин иқдом дар заминаи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ шуда, яке аз марҳалаҳои муҳимми ислоҳоти соҳаи маориф ба ҳисоб меравад.

Вазири маориф ва илм зимни суханронии худ иброз дошт, ки соҳаи маориф дар солҳои Истиқлоли давлатӣ зери таваҷҷуҳи доимии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодагии кадрӣ рушд намуда истодааст. Дар ҳамин замина, гузариш ба низоми таҳсили 12-сола амри зарурӣ буда, ба боло рафтани сифати таълим ва мутобиқсозии низоми таҳсилот ба меъёрҳои байналмилалӣ мусоидат хоҳад кард.

Бо мақсади амалӣ намудан ва муҳайё сохтани заминаҳои мусоид барои татбиқи низоми мазкур, қарор қабул гардид, ки дар давоми даҳ рӯз гурӯҳи байниидоравӣ таъсис дода шавад. Гурӯҳи мазкур бояд вобаста ба таҳияи нақшаи чорабиниҳо, омода намудани барномаҳои таълимӣ, тайёр намудани муассисаҳои таълимӣ ва кадрҳои омӯзгорӣ, инчунин, бо роҳандозии корҳои фаҳмондадиҳӣ чораҳои амалӣ андешад.

Зикр шуд, ки таҷрибаи як қатор кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки гузариш ба низоми таҳсили 12-сола раванди муваффақ ва ҳамаҷониба санҷидашуда мебошад. Аз ин рӯ, Вазорати маориф ва илм бо ҷалби васеи мутахассисон ва бо истифода аз таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ нақшаи амалии мазкурро тадриҷан ва бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ амалӣ хоҳад кард.

Дар анҷоми ҷаласа аз масъулин тақозо гардид, ки барои иҷрои сифатноки вазифаҳои дарпешистода, сари вақт таҳия ва иҷро намудани нақшаи чорабиниҳо, инчунин, назорати ҷараёни амалисозии гузариш ба низоми таҳсили 12-сола тамоми имкониятҳоро сафарбар намоянд.

**ҲАФТАИ ВАЗОРАТ**

## Вазифагузориҳо барои фаъолияти бавусъат

***14 июли соли 2025 дар толори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он фаъолияти вазорат дар шаш моҳи аввали соли равон мавриди баррасӣ қарор гирифта, вазифаҳо то охири сол муайян шуданд.***

Дар ҷаласаи мазкур вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, муовини якум ва муовинони вазири маориф ва илм, намояндаҳои вазорату идораҳо, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи ВМКБ ва вилоятҳои Суғду Хатлон, сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ иштирок намуданд.



Вазири маориф ва илм оид ба фаъолияти вазорат дар давраи ҳисоботӣ суханронӣ намуда, иброз дошт, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвар бо роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди соҳаи маориф ҳамчун бахши калидии сиёсати иҷтимоии давлат таъмин гардида, дар ҳамаи самтҳо дигаргуниҳои куллӣ ба амал омадаанд.

Гуфта шуд, ки сафарҳои кории Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба минтақаҳои гуногуни кишвар, аз ҷумла, ду сафари охири Сарвари давлат ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилояти Суғд бозгӯйи таваҷҷуҳи пайвастаи Роҳбарияти олии давлат ба соҳаи маориф буда, зимни ин сафарҳо даҳҳо муассисаҳои нави таълимӣ, аз ҷумла, муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ мавриди истифода қарор гирифта, муҳити муносиб барои таълиму тарбияи насли наврас фароҳам оварда шуд.

Таъкид гардид, ки дар баробари таваҷҷуҳи рӯзафзуни Роҳбари давлат, мо вазифадорем, бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо масъалаҳои ба таҳсилоти томактабӣ фаро гирифтани бештари кӯдакон, таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони соҳибтахассус, такмили инфрасохтори муассисаҳо ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълимиро дар мадди назар қарор диҳем.

Дар қисмати музокираҳо сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон Зиёдулло Абдулзода, ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Миёншо Назаршоев Амид Комилбек ва мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе Ҳусния Кучарзода суханронӣ намуда,



аз ҷониби онҳо ҳисоботи шашмоҳаи Вазорати маориф ва илм қаноатбахш ҳисобида шуд.

Дар охир вазири маориф ва илм таъкид кард, ки дар баробари ҳамаи дастовардҳо моро зарур аст, ки масъалаҳои таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо омӯзгорони ботаҷрибаву дорои тахассус, баланд бардоштани сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ, таъмини муассисаҳои таълимӣ ба кабинетҳои фаннӣ, таъмини хонандагон ба китобҳои дарсӣ, иҷрои нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои олии касбӣ ва дигар масъалаҳои муҳим диққати махсус зоҳир намоем. Ҳалли ин масъалаҳо ва рафъи мушкилоти ҷойдошта, ки тамоми фаъолияти соҳаи маориф ба онҳо вобастагии зич дорад, вазифаи ҷонии аҳли маориф ба шумор меравад.

## Лоиҳаи муштараки Стратегияи миллии рушди маориф

***11 июли соли 2025 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷараёни татбиқи Лоиҳаи муштараки «Дастгирии амалинамоии Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (марҳалаи 2) дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ҷаласа баргузор гардид.***

Дар он муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода, муовини вазир, сардорони шуъбаву раёсатҳо, роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат ва намояндагони ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Менеҷери гурӯҳи татбиқи лоиҳа Абдулло Асрорзода ва ҳамоҳангсоз, мушовир оид ба мониторинг ва арзёбӣ Ҳамида Ашӯрова доир ба натиҷаву дастовардҳои лоиҳа дар нимсолаи якуми соли 2025, ҳамзамон, мушкилоту монеаҳои ҷойдошта дар раванди татбиқи фаъолиятҳои банақшагирифташуда ҳисоботи муфассал пешниҳод карданд.

Дар идомаи ҷаласа Харитаи татбиқи қисмати дуюми лоиҳа, ки ҳадафи асосии он баланд бардоштани сифату самаранокии хидматрасониҳои таълимӣ тавассути таҳияи стандартҳо, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон, арзёбии омӯзиш ва мониторинги дастовардҳои таълимии хонандагон мебошад, мавриди муҳокима қарор гирифт.

Муовини якуми вазири маориф ва илм таъкид дошт, ки татбиқи босамари ин лоиҳа заминаи муҳим барои таҳкими низоми таҳсилоти фарогир ва рушди муҳити босифати омӯзиш мебошад. Ӯ ба роҳбарияти лоиҳа ва сохторҳои дахлдори вазорат ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта, сари вақт азхуд намудани маблағҳои пешбинишуда ва татбиқи самараноки ҳамаи фаъолиятҳои дар нақша буда, супоришҳои мушаххас дод.

Лоиҳаи мазкур яке аз калонтарин лоиҳаҳои амалкунандаи назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, татбиқи он ба беҳтар гардидани муҳити таълим, таҳкими низоми таҳсилоти фарогир дар асоси салоҳият ва баланд бардоштани натиҷаҳои омӯзиши хонандагон равона гардидааст.

**Дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон таҳти унвони «Саҳми ман дар ободии Ватан» ташаббуси вилоятӣ баргузор мегардад.**

*Фурӯмондагонро дарун шод кун,*
*Зи рӯзи фурӯмондагӣ ёд кун!*

*Саъдии Шерозӣ*



ОЗМУН



# Ғолибон муайян шуданд

***10 июли соли 2025 дар Литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Душабе озмуни аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равияҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ бо медали тилло ва нуқра оғоз гардид.***

Дар оғоз вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар хусуси аҳаммияти озмуни мазкур барои ҳавасмандгардонии хонандагон ба омӯзишу таҳсили фарогир таъкид намуд.

Вазири маориф ва илм иброз дошт, ки маҳз таваҷҷуҳ ва дастгирии ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки имрӯзҳо ҷавонони мо дар беҳтарин шароит таҳсил намуда, барои таҳкими донишу малака ва ташаккули ҷаҳонбинии худ ва саҳмгузорӣ дар рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат омода мешаванд. Сарвари давлат ҳамеша таъкид медоранд: «Мо ҷавононро барои расидан ба ҳадафҳои созанда ва ба оянда нигаронидашудаи Давлат ва Ҳукумати мамлакат қувваи бузург медонем. Маҳз ба ҳамин хотир, мо ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ тамоми имкониятҳои заруриро барои таълиму тарбияи ҷавонон ва ташаккули зеҳниву ҷисмонии онҳо фароҳам овардем ва ин равандро бомаром идома дода истодаем».

Вазири маориф ва илм қайд кард, ки озмуни мазкур на танҳо сатҳи дониши хонандагонро муайян мекунад, балки онҳоро барои омӯзиши минбаъда ва расидан ба қуллаҳои баланди илм ташвиқ менамояд. Мо итминон дорем, ки аз миёни ин довталабон олимону мутахассисони ояндаи кишвар ба камол мерасанд, ки дар рушди Тоҷикистони азизамон саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

Довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра аз рӯйи фанҳои забон ва адабиёти тоҷик (вобаста ба забони таълим), алгебра, геометрия, забони хориҷӣ (вобаста ба забони таълим), забони русӣ (ё забони давлатӣ), таърих, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, география, технологияи иттилоотӣ, химия, биология ва физика санҷиши тестӣ месупоранд.

Довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медалҳои тилло ва нуқраи равияи ҷамъиятӣ-гумнитарӣ аз фанҳои забони модарӣ, адабиёт, забони хориҷӣ (вобаста ба забони таълим), забони русӣ (забони давлатӣ), таърих, асосҳои давлат ва ҳуқуқ ва мавриди озмоиш қарор мегиранд. Довталабони аттестати аълои универсалӣ бо медалҳои тилло ва нуқраи равияи табиӣ-риёзӣ бошад, аз фанҳои алгебра, геометрия, химия, биология, география ва физика санҷиши тестӣ месупоранд.

Ғолибоне, ки сазовори аттестати аълои универсалӣ мегарданд, метавонанд, тавассути «Тавсиянома»-и Вазорати маориф ва илм ба дилхоҳ ихтисоси муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дохил шаванд. Ғолибоне, ки аттестати аълои равиявӣ ба даст меоранд, дар сурати мувофиқати равия ва ихтисос бо «Тавсиянома»-и Вазорати маориф ва илм аз тариқи суҳбат ба муассисаҳои олии касбии кишвар дохил мешаванд.

* * *

***13 июли соли 2025 дар Литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Душабе маросими ҷоизасупории озмуни аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло ва нуқра, аттестати аълои равиявӣ бо медали тилло ва нуқра баргузор гардид.***

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ғолибони озмунро самимона табрику таҳнияҳ гуфт. Зимни суханронӣ таъкид кард, ки баргузории чунин озмунҳо самараи сиёсати хирадмандона ва маорифпарваронаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки ҳамеша ба рушди соҳаи маориф, боло бурдани сифати таҳсилот ва фароҳам овардани шароити замонавӣ барои хонандагону донишҷӯён аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳанд.

Боиси ифтихор аст, ки дар натиҷаи ҷамъбасти озмун аз миёни 120 нафар довталаб 73 нафар сазовори аттестати аъло бо медали тилло ва нуқра гардиданд:

– 10 нафар - сазовори аттестати аълои универсалӣ бо медали тилло;

– 39 нафар - сазовори аттестати аълои равияи табиӣ-риёзӣ бо медали тилло;

– 2 нафар - сазовори аттестати аълои равияи табиӣ-риёзӣ бо медали нуқра;

– 19 нафар - сазовори аттестати аълои равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ бо медали тилло;

– 3 нафар - сазовори аттестати аълои равияи ҷамъиятӣ-гуманитарӣ бо медали нуқра.

Дар ҷамъбаст ба ғолибон «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илм супорида шуд.

*Маркази матбуоти*
*Вазорати маориф ва илм*

КОНФЕРЕНСИЯ

# Инноватсия барои оянда: таълими STEM дар Тоҷикистон

***Дар шаҳри Душанбе конференсияи илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Инноватсия барои оянда: таълими STEM дар Тоҷикистон» баргузор гардид. Дар он муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода, намояндагони Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, намояндагии Иттиҳоди Аврупо, Комиссияи миллии Тоҷикистон оид ба ЮНЕСКО ва Дафтари минтақавии ЮНЕСКО дар Алмаато, коршиносони бахши STEM, пажуҳишгарон ва омӯзгорони STEM ва дигар нафарони масъул аз тариқи ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок намуданд.***



Конференсия дар доираи татбиқи лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо таҳти унвони «Таҳкими муносибати босалоҳият ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълими фанҳои дақиқ ва риёзӣ ва таҳсилоти касбӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи давлатии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» ба роҳ монда шуда, ҳадафи он таҳкими муҳити инноватсионӣ дар соҳаи таълими STEM, такмили салоҳиятҳои рақамии омӯзгорон ва рушди инфрасохтори ТИК махсуб меёбад.

Зимни ифтитоҳи чорабинӣ муовини якуми вазири маориф ва илм иброз дошт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди ҳамаҷонибаи соҳаи маориф, хусусан, ба омӯзиши босифати фанҳои STEM ва татбиқи технологияҳои иттилоотию рақамӣ аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад. Мо итминон дорем, ки чунин ҳамоишҳои байналмилалӣ имкони густариши ҳамкориҳоро фароҳам оварда, ба ташаккули насли ҷавони бо дониш ва маҳоратҳои замонавӣ мусаллаҳ, ҳамзамон, рақобатпазир дар бозори меҳнат мусоидат мекунанд.

Ҳамчунин, намояндагони Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, намояндагии Иттиҳоди Аврупо, Комиссияи миллии Тоҷикистон оид ба ЮНЕСКО ва Дафтари минтақавии ЮНЕСКО дар Алмаато баромад намуда, аҳаммияти ин ташаббусро барои рушди устувор ва тақвияти неруи инсонӣ дар кишвар таъкид карданд.

Дар ҷараёни конференсия масъалаҳои муҳимми ҳамгироии барномаҳои таълимӣ бо воқеияти бозори меҳнат, омӯзиши босалоҳияти омӯзгорон, баробарии гендерӣ дар таҳсилоти STEM, инчунин, истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар мактабҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳамзамон, иштирокчиён бо таҷрибаҳои пешқадами кишварҳои дигар дар самти омӯзиши робототехника, зеҳни сунъӣ (AI), чопи 3D ва ташкили лабораторияҳои интерактивӣ шинос шуданд.

Дар идома барои омӯзгорон ва намояндагони муассисаҳои таълимӣ Маркази таҷрибаи STEM ташкил гардида, тавассути намоишҳои амалӣ ва семинарҳои корӣ имкони омӯзиши мустақими технологияҳои нав ва мубодилаи таҷриба фароҳам оварда шуд. Иштирокчиён, инчунин, дар кори гӯшаҳои мавзуии техника, лабораторияҳои STEM, маводи нави таълимӣ ва платформаҳои ҳамкорӣ ширкат варзиданд.

## Хатлон: фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ ба 24,7 фоиз баробар шуд

Дар соли таҳсили 2024-2025 фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабии вилояти Хатлон ба 24,7 фоиз баробар гардид. Айни замон дар вилоят шумораи муассисаҳои томактабӣ ба 177 адад расида, дар онҳо 21 ҳазору 319 нафар кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

Инчунин, дар вилоят 1268 маркази инкишофи кӯдак бо фарогирии 84 ҳазору 144 нафар дар 4077 гурӯҳ фаъолият доранд, ки нисбат ба соли таҳсили 2023-2024 3,7 фоиз зиёд мебошад.

Омӯзиши барвақтии кӯдакон барои гирифтани таҳсили минбаъда дар мактаб заминаи асосӣ мегузорад. Он алоқамандии байни оила ва мактабро таъмин намуда, дар ҳаёти кӯдак қадами муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, хуб мешуд, волидон бештар кӯдаконро ба ин марказҳо ҷалб намуда, завқи хонданро дар дили онҳо бедор намоянд.

Бунёди ин муассисаҳо дар доираи «Барномаи рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025», ки ҳадаф аз татбиқи он фарогирии бештари кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ, дастрасӣ ба таҳсили босифат, таъмини шарикии бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ мебошад, ба нақша гирифта шудааст. Тибқи ин барнома, заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумии хусусӣ беҳтар гардонида шуда, шартҳои ташкили муассисаҳои таълимии хусусӣ бо ҷалби соҳибкорон ба соҳаи маориф мукаммал мегардад. Инчунин, дастгирии давлатӣ тақвият ёфта, механизмҳои ҳавасмандгардонии бахши хусусӣ такмил меёбанд.

## Мастчоҳ: бинои иловагии кӯдакистон бунёд мешавад

Ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар Ҷамоати деҳоти Мастчоҳи ноҳияи Мастчоҳ корҳои сохтмонии бинои иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти томактабии №4 оғоз гардид.

Ин иқдом дар доираи татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат ва амалӣ гардондани дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба тақвияти соҳаи таҳсилоти томактабӣ, хусусан, дар минтақаҳои деҳот амалӣ мегардад.

Мақсад аз бунёди иншооти нав фароҳам овардани имкониятҳои иловагӣ барои фарогирии бештари кӯдакон ба муассисаи томактабӣ, беҳтарсозии шароити таълиму тарбия ва тақвияти поякҳои рушди зеҳниву ҷисмонии насли наврас махсуб меёбад.

Тибқи нақша, бинои нави кӯдакистон дуошёна буда, бо дастгирии соҳибкорони маҳаллӣ ва сокинони фаъоли хоҷагии ба номи Ҳоҷӣ Амиров бунёд мешавад. Ин иқдом ҳамчун намунаи ҳамкории судманди ҷомеа бо мақомоти маҳаллӣ дар самти таъмини шароити мусоиди таълимӣ барои кӯдакон арзёбӣ мегардад. Пешбинӣ шудааст, ки дар муассисаи нави томактабӣ беш аз 120 нафар кӯдак ба таълиму тарбияи муосир фаро гирифта шаванд.

*АМИТ «Ховар»*

«Қалъаи Хуҷанд» ба рӯйхати 10 мавзеи ҷолиби сайёҳии Тоҷикистон шомил гардидааст.

**ШЕВАИ ДАРС**

***Омӯзиши забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла, русӣ ва англисӣ тақозои замон буда, таълими забонҳои мазкур дар машғулиятҳо аз ҷониби омӯзгорон бояд бо усулу шеваҳои гуногун ва дар айни ҳол судманду муассир дар сатҳи баланд ба роҳ монда шаванд. Таълим ва шарҳу тавзеҳи қоидаҳои сарфу наҳв дар забони англисӣ бо роҳҳои мухталиф амалӣ карда мешавад. Донистани қонунмандиҳои грамматикаи забони англисӣ барои хонандагон зарур мебошад, зеро сарфу наҳвро амиқу ҳаматарафа азхуд накарда, наметавон озоду бе ғалат калимаю таркибҳои забони англисиро талаффуз кард.***

# Таълими забони англисӣ такмил меҳоҳад

Махсусиятҳои талаффузи дурусти овозҳои забони англисӣ фаҳмишу дарки моҳияту маънои калимаҳо, ифода намудани фикр ба василаи ҷумлаҳои алоҳида дар дарс, ҳифзи луғатҳо хеле муҳим аст. Барои бо забони англисӣ озод гуфтугӯ ва муошират кардани хонандагон омӯзгор аз сабку шеваҳои ҷолибу шавқовар бояд истифода кунад. Истифода аз тахтаи электронӣ бо мақсади ба намоиш гузоштани бозиҳои дидактикӣ ва дар атрофи ин бозиҳо сохтани ҷумлаҳо ё таҳияи нақли мухтасар аз қабили он ба шумор меравад. Ҳамчунин, дар раванди дарс бо истифода аз расм навиштани эссе бо забони англисӣ, нақли шифоҳии мазмуни матни пешниҳодшуда ва тафсири луғатҳо мувофиқи мақсад мебошад.




Яке аз роҳҳои судманду зуд азхуд кардани забони англисӣ, ташкили саҳначаҳои хурд ва ба роҳ мондани муколама маҳсуб меёбад. Ба воситаи ҳаракату амалиёт шогирдонро лозим меояд, бо ҳам дар гуфтугӯ шаванд, ки ин имкон медиҳад, ба воситаи луғатҳои азбаркардаашон фикри худро баён намоянд. Саволу супоришҳои тестӣ бо роҳандозии кори гурӯҳӣ аз манфиат холӣ нест. Дар машғулиятҳо истифодаи ҳавасмандона аз васоити аёнию техникӣ баҳри дар амал татбиқ намудани донишҳои амалии хонандагон аҳаммияти хоса дорад. Қироати шеъру суруд, мутолиаи бардавоми ҳикояву афсонаҳо бо забони англисӣ аз дигар роҳу усули азхуд кардани ин забон ба ҳисоб меравад. Омӯзгор барои ташаккулу рушди нутқи хаттию шифоҳии хонандагон метавонад аз намудҳои гуногуни диктант истифода кунад. Хусусан, диктанти биноӣ, луғавӣ ва санҷишӣ баҳри беғалат навиштану талаффуз кардани калимаҳо мадад мерасонад. Омӯзгор дар раванди дарс бо истифода аз усули муносибати босалоҳият ба таълим хонандагонро водор месозад, ки дар хусуси манзараҳои табиат, синфу мактаби худ, дӯстони наздик ва падару модарашон фикрашонро ба таври шифоҳӣ изҳор кунанд.

Дар забони англисӣ ба мисли забони русӣ донистани ҳиссаҳои нутқ, бандакҳои хабарӣ, соҳибӣ, навъҳои ҷумлаву аъзои пайрави он ва ғайра муҳим ба ҳисоб меравconfigured. Ташкил ва ба роҳ мондани сабқати «Кӣ бештар луғат медонад?» дар дарсҳои забони англисӣ аз аҳаммияти вижа бархӯрдор мебошад.

Яке аз омилҳои муошırати хуби хонандагон бо забони англисӣ, ташкил ва баргузории маҳфили фаннӣ ва машғулиятҳои иловагӣ ба шумор меравад. Дар маҳфилҳо ва машғулиятҳои иловагӣ аз роҳу шеваҳои содаю мушаххаси омӯзиши забони англисӣ метавон истифода кард. Баргузор намудани дарсҳои забони англисӣ дар синфхонаҳои лингофонӣ ба мақсад мувофиқ буда, самарабахшии машғулиятҳоро таъмин хоҳад кард. Умуман, дар сатҳи баланд ва созгор ба талаби замон роҳандозӣ намудани машғулиятҳо аз забони англисӣ аз лаёқату маҳорат, донишу ҷаҳонбинӣ, истифодаи судманди усулҳои рангоранги таълим аз ҷониби омӯзгор вобастагии амиқ дорад.

***Холбибӣ НАЗАРОВА,***
***омӯзгори забон ва адабиёти руси МТМУ №13,***
***Мумина ТОШОВА,***
***омӯзгори МТМУ №56-и ноҳияи Айнӣ***

**ЗАБОНОМӮЗӢ**

***Дар урфият гуфтаанд, ки «забон донӣ – ҷаҳон донӣ». Бидуни донистани забон, кас наметавонад дониши хешро такомул диҳад, пеш равад ва дар ҷодаи илм ба комёбиҳо муваффақ шавад. Ин аст, ки Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар суханронии худ омӯхтани чанд забони хориҷӣ, бахусус, русиву англисиро омили муҳимми вуруд ба муколамаи фарҳангҳо ва болоравии маънавиёти ҳар фарди ҷомеа тавзеҳ додаанд.***

# Омили муколамаи фарҳангҳо

Лозим ба ёдоварист, ки омӯхтани забонҳои хориҷӣ бе доштани огоҳии хуб аз нозукиҳои забони модарӣ ғайриимкон аст.

Вақте ки кас забони худро ба дараҷаи аъло азхуд намуд, барояш омӯхтани забони бегона осон хоҳад шуд, зеро ӯ ҳангоми омӯхтани забони хориҷӣ забони модарияшро ҳамчун «забон-эталон» қарор дода, ба ин восита, умумияту тафовути онро аз забони дигар ба осонӣ муайян менамояд. Маҳз ҳамин хусусияти забономӯзиро дар назар дошта, академик М. Шакурӣ ба вуҷуд овардани грамматикаи муқоисавии забонҳои тоҷикиву хориҷиро амри зарурӣ ҳисобида буд.

Баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ аз ҳар вақти дигар эҳтиёҷи бештаре ба ҳамкории байналхалқӣ ба вуҷуд омад ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар авлавият қарор гирифт. Барои вусъат додани имконияти истифодаи техникаву технологияи компютерӣ дар истеҳсолот ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа донистани забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русиву англисӣ ҳатмист. Маҳз азхуд намудани забонҳои тазаккурёфта боиси вусъатёбии имконияти сарукор доштани шаҳрвандонро ба техникаю технологияи нав фароҳам меорад ва боиси осон шудани дастрасии онҳо ба маводи иттилоотии техникӣ хоҳад шуд.

***Абдуҷамол ҲАСАНЗОДА,***
***профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров***

**РОҲНАМО**

# Муҳовараи мухтасари забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ

***(Барои омӯзгорону хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11), устодону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус, олии касбӣ ва кормандони соҳаи маориф ва илм)***

| **Тоҷикӣ** | **Русӣ** | **Англисӣ** | Ово-навишт |
|---|---|---|---|
| **ДОНИШГОҲ – УНИВЕРСИТЕТ - UNIVERSITY** | | | |
| Шумо бояд имтиҳон супоред. | Вы должны сдать экзамен. | You must pass exams. | [juː mʌst pɑːs ɪɡˈzæmz] |
| Дар донишгоҳ таҳсил кардан осон нест. | Учёба в университете – это не просто. | It is not easy to study at university. | [ɪt ɪz nɒt ˈiːzɪ tuːˈstʌdɪ æt juːnɪˈvɜːsɪtɪ] |
| Шумо бояд бо ҷидду ҷаҳд хонед. | Вы должны усердно учиться. | You must study hard. | [juː mʌst ˈstʌdɪ hɑːd] |
| Шумо дар кадом факултет кор мекунед? | На каком факультете Вы работаете? | In which faculty do you work? | [ɪn wɪʧ ˈfækəltɪ duː juː wɜːk] |
| Ман дар факултети биология кор мекунам. | Я работаю на факультете биологии. | I work at biology faculty. | [aɪ wɜːk æt baɪˈɒləʤɪ ˈfækəltɪ] |
| Шумо аз кадом фанҳо дарс мегӯед? | Какие предметы Вы пропадаете? | Which subjects do you teach? | [wɪʧ subjects duː juː tiːʧ] |
| Ман аз фанни биология дарс мегӯям. | Я преподаю биологию. | I teach biology. | [aɪ tiːʧ baɪˈɒləʤɪ] |
| Дар синфхонаи мо 13 миз ва 25 курсӣ ҳаст. | В нашем классе имеется 13 столов и 25 стульев. | There are 13 tables and 25 chairs in our classroom. | [ðeər ɑː θɜːˈtiːn teɪblz ænd ˈtwentɪ faɪv ʧeəz ɪn ˈaʊə ˈklɑːsrʊm] |
| Синфхонаи мо проектор дорад. | В нашем классе есть проектор. | There is a projector in our classroom. | [ðeər ɪz ə prəˈʤektə ɪn ˈaʊə ˈklɑːsrʊm] |
| Дар синфхонаи мо тахтаи электронӣ ҳаст. | В нашем классе есть электронная доска. | There is an electronic board in our classroom. | [ðeər ɪz æn ɪlekˈtrɒnɪk bɔːd ɪn ˈaʊə ˈklɑːsrʊm] |
| Синфхонаи биологияи мо калон нест. | Наш кабинет биологии не большой. | Our biology classroom is not big. | [ˈaʊə baɪˈɒləʤɪ ˈklɑːsrʊm ɪz nɒt bɪg] |
| Синфхона равшан ва бароҳат аст. | Кабинет светлый и уютный. | The classroom is light and cosy. | [ðəˈklɑːsrʊm iz laɪt ænd ˈkəʊzɪ] |
| Дар деворҳо якчанд овезаҳо мавҷуданд. | На стенах висят несколько новых плакатов. | There are some new posters on the walls. | [ðeər ɑː sʌm njuː ˈpəʊstəz ɒn ðə wɔːlz] |
| Шумо чӣ тавр ба донишгоҳ меравед? | Как Вы добираетесь до университета? | How do you get (go) to the university? | [haʊ duː juː get (gəʊ) tuː ðiː juːnɪˈvɜːsɪtɪ] |
| Ман ба донишгоҳ бо автобус меравам. | Я еду в университет на автобусе. | I go to the university by bus. | [aɪ gəʊ tuː ðiː juːnɪˈvɜːsɪtɪ baɪ bʌs] |
| Ба ман ним соат лозим, то ба донишгоҳ рафта расам. | Мне требуется полчаса, чтобы доехать до университета | It takes me half an hour to get to the university. | [ɪt teɪks miː hɑːf æn ˈaʊə tuː get tuː ðiː juːnɪˈvɜːsɪtɪ] |
| Дар донишгоҳ одатан панҷ соат дарс дорам. | В университете у меня обычно пять уроков. | I usually have five lessons at university. | [aɪ ˈjuːʒʊəlɪ hæv faɪv lesnz æt juːnɪˈvɜːsɪtɪ] |
| Курси мазкур 4 сол идома меёбад. | Курс длится четыре года. | The course lasts 4 (four) years. | [ðə kɔːs lɑːsts fɔː jiə(r)z] |

*(Давом дорад)*

**Дар ноҳияи Деваштич ҳамоиши гирандагони стипендияи Президентӣ баргузор гардид.**

*Нахоҳӣ, ки бошад дилат дардманд,*
*Дили дардмандон баровар зи банд!*
*Саъдии Шерозӣ*



## ТАЪТИЛИ ТОБИСТОНА

# ФАРОҒАТИ КӮДАКОН ХУБ МЕГУЗАРАД

*Ҳоло дар ҷумҳурӣ мактаббачагон ба фароғати тобистона дар истироҳатгоҳҳо фаро гирифта шудаанд. Бо вазъи фароғати мактаббачагон дар истироҳатгоҳҳои наздимактабии ноҳияҳои Шоҳмансур ва Синои шаҳри Душанбе шинос шудем.*

### ИСТИРОҲАТГОҲИ НАЗДИМАКТАБИИ «ИСТИҚЛОЛ»

Соат тақрибан 8:30. Суруди ватандорӣ тамоми саҳни муассисаро фаро гирифта буд. Кӯдакон бо шавқи зиёд ба машқи пагоҳирӯзӣ машғул буданд. Шодию хурсандии онҳо ҳадду канор надошт.

Истироҳатгоҳи наздимактабии «Истиқлол»-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №102-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе барои фароғати хонандагони синфҳои 1-6 пешбинӣ шудааст.

– Дар муассисаи таълимӣ соли аввал аст, ки истироҳатгоҳи наздимактабӣ ташкил шудааст. Муассиса дар 4 баст 160 нафар хонандаро ба истироҳатгоҳ фаро мегирад. Дар ҳар як баст 40 нафар хонанда 12 рӯз фароғат мекунанд. Бастҳо ба 2 гурӯҳи 20-нафарӣ тақсим шудаанд. Барои назорати кӯдакону наврасон 2 нафар мураббӣ, 1 сармураббӣ, 1 ҳамшираи тиббӣ ва кормандони техникӣ ҷалб гардидаанд,-иброз дошт директори мактаб Хурсаной Шарифова.

Дар фароғатгоҳ кӯдакон ба бозиҳои гуногун, аз ҷумла, шашка, теннис, оббозӣ дар ҳавзҳои сунъӣ машғул мешаванд.

Инчунин, ба қоидаҳои санитарию гигиенӣ диққати махсус зоҳир гардида, дар бастҳо кӯдакон аз назорати тиббӣ гузаронида мешаванд. Ҳамзамон, 25 номгӯйи доруворие, ки аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ ба муассисаҳои таълимӣ пешбинӣ гардидааст, барои ёрии аввалия дар бунгоҳи тиббӣ мавҷуд мебошад.

Бояд гуфт, ки хӯроки наврасон аз рӯйи речаи тасдиқшуда омода мешавад ва наврасон бо ғизои солим сариваќт таъмин мегарданд. Пеш аз омода намудани хӯрок сифати маҳсулот санҷида мешавад, сипас хӯроки тайёр аз ҷониби корманди тиб мавриди озмоиш қарор мегирад.

– Бо сабаби он ки дар муассиса майдончаи варзишӣ вуҷуд надорад, дар дохили истироҳатгоҳи наздимактабӣ толори варзишӣ ташкил намудаем. Дар мактаб ба ғайр аз хонандагон, кӯдакони 6-сола низ ҳастанд, ки барои омода шудан ба синфи якум ҷалб шудаанд. Мо барои онҳо низ шароити хуби истироҳатро фароҳам овардаем. Аз ҷумла, барои хонандагони муассиса ҳавзи шиновории сунъӣ ва ба кӯдаконе, ки ҳанӯз барои таҳсил дар синфи 1-ум омодагӣ мегиранд, ҳавзҳои шиновории резинии хурд мутобиқ ба синну солашон таъмин гардонда шудааст.



### ИСТИРОҲАТГОҲИ НАЗДИМАКТАБИИ «ЗАНГӮЛА»

Ҳангоме ки вориди истироҳатгоҳи наздимактабии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе гардидем, кӯдакон дар синфхонаҳо ба расмкашӣ ва бозии шашка машғул буданд.

– Ман ҳар субҳ дасту рӯямро шуста, ба истироҳатгоҳ меоям. Дар ин ҷо мо ба ду гурӯҳ ҷудо мешавем: «Офтобак» ва «Моҳтобак». Аз рӯзи аввали ба ин ҷо омадан дӯстони зиёд пайдо намудам. Мо дар истироҳатгоҳ ба ҳар гуна бозиҳо машғул мешавем, китоб мехонем, расм мекашем. Баъд аз хӯроки нисфирӯзӣ оббозӣ мекунем ва баъди оббозӣ моро мураббия Зухро Раҷабова ба хонаҳоямон гусел мекунад,-гуфт хонандаи синфи 3-и муассиса Румайсо Акрамова.

Дар истироҳатгоҳи наздимактабии «Зангӯла» хонандагони аз синфи 1 то 4 дар 4 баст фароғат мекунанд, ки дар ҳар як баст 40 нафар хонанда фаро гирифта мешаванд.

Сармураббия Шукрона Раҳимова иброз намуд, ки ҳар субҳ кӯдакон аз назорати корманди тиббӣ мегузаранд, инчунин, мӯҳлати истеъмоли хӯроки наврасон низ аз ҷониби ӯ санҷида мешавад.

Бозӣ дар ҳаёти кӯдак қисми муҳимми машғулият ба ҳисоб меравад, зеро неруи кӯдакро зиёд намуда, ба ташаккули аҷлонии ӯ мусоидат менамояд. Дар ҳама истироҳатгоҳҳое, ки аз онҳо дидан намудем, бештари кӯдакон ба шашкабозӣ машғул буданд.

### ИСТИРОҲАТГОҲИ НАЗДИМАКТАБИИ «ТУЛУИ ХУРШЕД»

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе навбунёд буда, соли аввал аст, ки дар назди он истироҳатгоҳи наздимактабиён ташкил карда шудааст.

Муҳаммадризо Акмалзода-директори мактаб зикр кард, ки пеш аз он ки хонандагонро ба истироҳатгоҳи наздимактабӣ қабул намоем, аз марказҳои солимгардонии тиббӣ ҷиҳати солимии кӯдак маълумотнома талаб менамоем. Пас аз пешниҳод намудани маълумотномаи тиббӣ кӯдакон ба истироҳатгоҳ ҷалб карда мешаванд. Қабули хонандагон то соати 8 буда, сипас то соати 9 онҳо ба обутоби бадан, яъне, ба машқи пагоҳирӯзӣ ва бозиҳои гуногуни шавқовар аз рӯйи нақша машғул мешаванд.

Дар истироҳатгоҳ хонандагони синфҳои 1 то 4 ҷалб гардида, мураббиёни болаёқат, ки курсҳои такмили ихтисосро гузаштаанд ва кормандони тиб кӯдаконро назорат менамоянд.

– Мо ҳар субҳ, пас аз машқи пагоҳирӯзӣ ба ошхона рафта, наҳорӣ мекунем. Дар истироҳатгоҳ ба бозиҳои гуногун машғул мешавем ва ман бештар оббозиро дӯст медорам. Инчунин, ҳар рӯз забони русӣ ва англисиро меомӯзем,-гуфт хонандаи синфи 4-и мактаб Бону Файзуллоева.

Мактаббачагон дар истироҳатгоҳ бештар оббозӣ карданро дӯст медоранд, бинобар ин, аз ҳавзҳои шиновории муассиса дидан намудем. Соат тақрибан 11:30 буд, ки гурӯҳ барои оббозӣ омодагӣ медиданд.

Дар фароғатгоҳ ба кӯдакон 2 маротиба хӯрок пешниҳод мегардад. Ошхонаи истироҳатгоҳ аз ҷиҳати санитарию эпидемиологӣ ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Бояд гуфт, ки дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе айни ҳол истироҳатгоҳи берунашаҳрӣ фаъолият намекунад, зеро соли гузашта бо сабаби номусоидии ҳаво ва боришоти зиёду баланд иншооти обии дарё истироҳатгоҳи берунашаҳрии «Гулхан»-ро сел зер карда, хисороти зиёд ба бор овард ва дар натиҷа истироҳатгоҳи мазкур аз фаъолият бозмонд.

Ба иттилои шуъбаи маорифи ноҳияи Сино, бо сабаби аз фаъолият монданӣ истироҳатгоҳи берунашаҳрии «Гулхан», шумораи истироҳатгоҳҳои наздимактабии ноҳия зиёд карда шудааст, то ки хонандагон тавонанд дар фасли тобистон ба фароғатгоҳҳо фаро гирифта шаванд.

***Хуршеда АЗИЗОВА,***
***«Омӯзгор»***

## ЯК РӮЗИ КӮДАКИСТОН

# Шароити хуб – омили пешравӣ

***Пагоҳии барвақт духтаракону писаракон ҳамроҳи волидон вориди муассисаи таҳсилоти томактабии №2-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мешуданд. Мураббияҳо ҳар як кӯдакро ном гирифта, ба пеши худ даъват менамуданд. Баъди ба дасти мураббияҳо супурдани кӯдакон табиби муассиса онҳоро як-як аз назар гузаронида, сипас иҷозаи ба гурӯҳ даромадан медод.***

Саравал барои огаҳӣ аз рафти дарсҳо ба гурӯҳи якум (мураббияаш Заррина Соҳибназарова) даромадем. Дар гурӯҳ 16 нафар тарбиятгиранда ҳузур доштанд. Синфхонаи мазкур бо мизу курсиҳои мувофиқ, шиору овезаҳо, телевизор, кондитсионер, чевонҳо барои ҷузвдону зочаҳои кӯдакон таъмин буд.

Кӯдакистон дуошёна буда, аз бинои таълимӣ, бинои маъмурӣ, ошхона, толори фарҳангӣ ва 6 синфхона иборат аст. Он соли 2015 дар заминаи мактаб-интернат таъсис ёфта, баҳри боз ҳам беҳтар гардидани шароити таълиму тарбия соли 2022 аз ҷониби Лоиҳаи «Инкишофи барвақтии кӯдакон»-и Бонки Ҷаҳонӣ пурра азнавсозӣ гардида, бо мизу курсӣ, катҳои хоб, ҷевон, ашёи зарурии дигар, оби сард, ташнобҳои дохилӣ ва ғайра таъмин гардидааст.

Ба гурӯҳи 3-и хурдсолон даромадем. Мураббияи ботаҷриба Нозанин Назарзода ба шогирдон дар хусуси манзараҳои зебои Тоҷикистон ва олами вуҳуш бо истифода аз тасвирҳо маълумот медод. Дар гурӯҳ барои тасаввуроти амиқи кӯдакон шиору овезаҳо, аз ҷумла, қоидаҳои сӯхтор, Қаҳрамонони Тоҷикистон, ҷашнҳои миллию давлатӣ, ҷадвали рақамҳо, ҳарфҳои алифбои тоҷикӣ, акси ҳайвонҳои хонагӣ ва ваҳшӣ, рангҳо, тасвири «Афсонаи дӯстдоштаи ман», манзараи фаслҳои сол насб гардида, барои истироҳати онҳо дастгоҳи сардкунии ҳаво (кондитсионер) ва барои тамошои филмҳои тасвирӣ телевизор насб шуда, ҳамчунин, катҳои хоби секабата муҳайё карда шудаанд. Барои шустушӯй дар дохили ҳар синф ташноб бо доштани оби хунук ва гарм мавҷуд аст.

Маҳбуба Алимардонзода-мудири кӯдакистон зимни суҳбат иброз дошт, ки рушди баҳши таҳсилоти томактабӣ яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати ҷумҳурӣ дар соҳаи маориф маҳсуб меёбад.

– Дар кӯдакистон 120 нафар кӯдаку наврас дар шаш гурӯҳ, аз ҷумла, гурӯҳи якуми тифлӣ, гурӯҳи хурд, гурӯҳи миёна, гурӯҳи калон, гурӯҳи томактабӣ ва гурӯҳи мактабӣ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Дар гурӯҳҳо, ҳамчунин, забонҳои русӣ ва англисӣ дарс дода мешавад. Барои назорати рафти дарсҳо ва бехатарӣ дар биноҳои боғча 13 адад камераи назоратӣ насб гардидааст. Баҳри тарбияи дурусти кӯдакон 7 мураббияи таҷрибадор ва ҷавон ҷалб шудаанд,-зикр намуд мудири кӯдакистон.

Рӯзи ҳузури мо барои тарбиятгирандагон ошпазҳо марҷумакшӯрбо омода карда буданд. Аз соати 12:00 то 13:00 таом пурра ба таълимгирандагон расонда шуд. Барои таъмин бо нони гарм дар тафдони ошхона ҳамарӯза нон мепазанд. Мудири кӯдакистон иттилоъ дод, ки як адад тафдони нав аз ҳисоби маблағҳои бучаи маҳаллӣ харидорӣ шуд. Пас аз сарфи ғизо аз рӯйи реҷа ёрдамчиёни мураббияҳо кӯдаконро барои истироҳат ба катҳои хоб роҳнамоӣ карданд.

Бояд гуфт, ки дар кӯдакистон баҳри обутоби бадан дар давраи ташкили лагерҳои наздимуассисавӣ нуқтаҳои қум барои бозӣ ташкил карда шудааст. Ҳавзи оббозӣ холӣ аз об буд. Ба гуфтаи масъулин, аксари волидон барои оббозии фарзандонашон иҷоза намедиҳанд. Мутаассифона, чанд сол боз дар боғча воҳиди кории равоншинос ихтисор гардидааст. Дар майдончаи муассиса барои бозии кӯдакон арғунчаку дигар лавозимот барои бозӣ намерасанд.

***Худододи ИСЛОМ,***
***«Омӯзгор»***

Дар шаҳри Душанбе оғози Даҳсолаи байналмилалии амал оид ба илмҳои яхшиносӣ (криосферӣ), солҳои 2025–2034 баррасӣ гардид.

*Ҳар кӣ дар ҳоли тавоноӣ накуӣ накунад, дар вақти нотавонӣ сахтӣ бинад.*

*Саъдии Шерозӣ*



ЗУҲУРОТИ НОМАТЛУБ



# ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯИ МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ ДАР МЕҲВАРИ ФАЪОЛИЯТ

## Мусоҳиба бо сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулмазбут Ҷӯразода

**– Тавре огоҳем, дар Вазорати маориф ва илм Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳалаи якум (солҳои 2021-2025) таҳия шудааст. Мегуфтед, ки ҳадафи он ба кадом самт равона гардидааст?**

– Воқеан ҳам, Нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ҷиҳати таъмини иҷрои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳалаи якум (солҳои 2021-2025) таҳия гардида, аз 23 банд иборат мебошад. Бандҳои мазкур фарогири масъалаҳои гузаронидани вохӯрию корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни кормандон, чопи мақолаҳо вобаста ба пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва нашри онҳо дар сомонаҳои интернетии муассисаҳои тобеи вазорат мебошад. Яъне, асосан ба самте таваҷҷуҳ шудааст, ки тавассути он корҳои фаҳмондадиҳӣ бештар гардад ва он ба пешгирии амалҳои коррупсионӣ мусоидат намояд.

**– Маълум аст, ки аз ҷониби ниҳоди дахлдор натиҷаҳои таҳлили хавфҳои коррупсионӣ дар тамоми сохторҳо мавриди санҷишу таҳлил қарор мегирад. Чунин таҳлил дар Вазорати маориф ва илм ва зерсохторҳои он чӣ натиҷаҳо дод?**

– Бояд қайд намуд, ки таҳлили хавфҳои коррупсионӣ тибқи нақша ва мунтазам дар дастгоҳи марказии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он гузаронида мешавад. Аз ҷумла, соли 2024 аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати таъмини иҷрои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои марҳалаи якум (солҳои 2021-2025) дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилоту муассисаҳои зертобеи он мавриди санҷиш қарор гирифтанд.

Дар доираи санҷиш ба масъулини дастгоҳи марказӣ ва муассисаву ташкилотҳои тобеъ баҳри таъмини саривақтӣ ва самараноки минбаъдаи барномаи давлатии зиддикоррупсионӣ ёрии амалии дахлдор расонида шуд.

Ғайр аз ин, ба масъулин тавсия гардид, ки фаъолиятро дар самти иҷрои нақшаи чорабиниҳои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пурзӯр намоянд.

**– Аз рӯйи нақшаи чорабиниҳои болозикр бояд дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ фан ё ихтисосҳои зиддикоррупсионӣ таъсис дода мешуданд. Таъсиси ихтисосҳои нав ё фанҳои алоҳида то кадом андоза ба баланд гардидани маърифати ҳуқуқии донишҷӯён мусоидат карданд?**

– Дар самти муқовимат бо коррупсия дар факултетҳои ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ихтисосҳои алоҳида фаъолият менамоянд. Аз ҷумла, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо мақсади омода намудани кадрҳои соҳибтахассус ва таъмин намудани мақомоти муқовиматкунанда бар зидди коррупсия соли таҳсили 2022-2023 ихтисосҳои нав – фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти судӣ-прокурорӣ ва муфаттишӣ таъсис дода шудааст. Инчунин, дар назар аст, ки дар ин муассиса ихтисоси фаъолияти ҳуқуқии муқовимат бо киберҷинояткорӣ низ таъсис дода шавад.

Дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон факултети ҳуқуқшиносӣ фаъолият дошта, дар омода намудани мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ нақши назаррас дорад. Дар сохтори факултет кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсия амал мекунад. Тибқи нақшаи таълимӣ ба донишҷӯён аз рӯйи фанҳои махсус – «Ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта» ва «Коррупсия ва хатари он ба ҷомеа» тадрис дода мешаванд.

**– Ба таври ғайринақдӣ гузаштани пардохтҳо ва рақамисозишудаи низоми хариди давлатӣ дар соҳаи маориф то кадом андоза тавонистааст монеаи ҳолатҳои коррупсионӣ гардад?**

– Ба ҳамагон маълум аст, ки бо мусоидати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Портали ягонаи электронии хариди давлатӣ таъсис ва аз соли 2020 инҷониб тамоми озмунҳои хариди давлатӣ дар шакли электронӣ бо истифодаи технологияҳои инноватсионию коммуникатсионӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар соҳаи маориф низ тамоми амалҳои марбут ба хариди давлатӣ тавассути портали мазкур роҳандозӣ мегардад ва тамоми хизматрасониҳо ба таври ғайринақдӣ сурат мегиранд.

Тавре маълум аст, ташаббуси Вазорати маориф ва илм вобаста ба ҷорӣ намудани барномаи биллингӣ ва ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани маблағи иҷораи китобҳои дарсӣ омили муҳим дар ин самт мебошад. Дар зимн, тамоми пардохтҳо ба таври ғайринақдӣ сурат гирифта, роҳбарияту масъулини вазорат пайваста дар тамоми баромаду мулоқотҳо таъкид менамоянд, ки дар тамоми муассисаҳои таълимӣ тамоми пардохтҳо бевосита тавассути суратҳисоби муассисаҳо амалӣ карда шаванд. Ин ба он мусоидат менамояд, ки омилҳои инсонӣ аз байн раванд ва ба дурусту шаффофу мақсаднок тақсим шудани маблағҳо замина гузоранд.

**– Ҳамасола пеш аз анҷоми соли таҳсил шаҳрвандон аз ҷамъоварии маблағ дар муассисаҳо шикоят мекунанд. Оё расман ба Вазорати маориф ва илм дар як ё ду соли охир шикояти хаттӣ ворид шудааст? Агар ворид шуда бошад, вазорат чӣ чораҳо андешидааст?**

– Бо мақсади сари вақт бохабар будан аз мушкилоти ҷойдоштаи соҳаи маориф дар минтақаҳо, пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ дар муассисаҳои таълимӣ, инчунин, таъмини робитаи доимии шаҳрвандон бо Вазорати маориф ва илм тибқи дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазорат «Телефони боварӣ»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – 227-76-86 ташкил карда шудааст.

Дар соли 2024 113 ва аз 1.01.2025 то 10.07.2025 9 занги телефонӣ аз ҷониби шаҳрвандон ворид гардида, мурочиатҳо фарогири маҷбуран ҷалб намудани хонандагон дар чорабиниву ҷамъомадҳо, аз меъёр зиёд талаб намудани маблағ дар кӯдакистону мактабҳо, риоя нашудани ҳуқуқи меҳнатии кормандон, ҷамъоварии маблағ ҳангоми қабули хонандагон ба мактаб, ҷамъоварии маблағ барои таъмир, нагирифтани маош дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти олии касбӣ, сазовор шудан бо мукофотҳои соҳавӣ, сари вақт гирифта натавонистани аттестати хатм ва диплом, интиқолу барқарор гардиданд дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, шаффоф баргузор нашудани озмунҳо дар минтақаҳо ва амсоли инҳо мебошанд.

Як қисми мурочиатҳои мазкур тибқи талаботи моддаҳои 34, 35 ва 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» барои чора андешидан ва ҷавоби саривақтӣ ба мурочиаткунандагон ба вазорату идораҳое, ки дар сохтори худ муассисаҳои таълимию тарбиявӣ доранд, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллии идоракунии маорифи вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ирсол карда шуданд.

Қобили қайд аст, ки чунин «Телефони боварӣ» дар қисми зиёди ташкилоту муассисаҳои соҳаи маориф ташкил карда шуда, мавриди истифода қарор доранд. Аммо расман ба таври хаттӣ ба вазорат ягон мурочиат ворид нашудааст. Дар сурати ворид шудан, вазорат ҳатман онро пайгирӣ ва чораандешӣ менамояд.




**– Вазорати маориф ва илм дар самти пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ ба ҷуз аз татбиқи нақшаи чорабиниҳои зикршуда, боз кадом корҳоро анҷом медиҳад?**

– Ҷиҳати вусъат додани фаъолият дар самти пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани масъулияти кормандони соҳаи маориф ва илм, инчунин, хизматрасониҳои дигари давлатӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шуъбаи аудити дохилӣ санҷишҳои аудиторӣ ба хотири расонидани кумаки амалӣ, бартараф намудани норасоиҳои ҷойдошта дар самти пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани масъулияти кормандони соҳаи маориф ва илм, тавсия ва пешниҳоду маслиҳатҳои муфид барои роҳ надодани камбудиҳо, риоя ва истифодаи дурусту саривақтии маблағҳои ҷудогардидаи буҷетӣ ба роҳ монда шуда, дар тамоми муассисаҳои зертобеи Вазорати маориф ва илм зери назорати қатъӣ қарор дода шудааст.

Илова ба ин, бо иштироки кормандони соҳаи маориф 49 гузоришу барномаи радиоӣ ва 116 барномаи телевизионӣ сабт шуд, ки ҳиссаи назарраси онро тарғиби ҳатмии зиддикорупсионӣ ташкил медиҳад. Дар баробари ин, ҳамарӯза дар саҳифаи расмии фейсбукии вазорат, нашрияҳои соҳавӣ, муассисаҳои зертобеъ, раёсату шуъбаҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва дигар муассисаҳои соҳаи маориф мунтазам матлабу маводи тарғиби оммавии зиддикорупсионӣ нашр мешавад.

5 марти соли 2024 конференсияи ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши соҳаи маориф ва илм дар ташаккули маърифати ҳуқуқӣ – зиддикоррупсионии аҳолӣ» дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино якҷо бо Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд, ки дар умум, 1622 нафар корманди соҳаи маориф ва илм ва агентии мазкур иштирок намуданд. Гузориш доир ба масъалаи мазкур дар шабакаҳои телевизионии давлатӣ, нашрияҳои соҳавӣ ва сомонаи расмии вазорат нашр гардид.

Соли 2024 дар сомонаи расмии вазорат 390 мавод доир ба паҳлуҳои гуногуни соҳаи маориф, аз ҷумла, доир ба пешгирӣ ва оқибатҳои амалҳои коррупсионӣ нашр гардидааст.

**– Вобаста ба натиҷаи таҳлилҳое, ки Агентии коррупсия расонаӣ мекунад ва вазорат ё соҳаи маорифро дар қатори се ниҳоди фасодзада қарор медиҳад, чӣ андеша доред?**

– Вазорати маориф ва илм изҳор медорад, ки ба фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия бо эҳтиром муносибат намуда, натиҷаҳои таҳлил ва мониторингҳои онҳоро ҳамчун ҷузъи муҳимми таҳкими шаффофият ва баланд бардоштани сатҳи ҳисоботдиҳии ниҳодҳои давлатӣ арзёбӣ менамояд.

Дар робита ба ин, қайд кардан зарур аст, ки «соҳаи маориф» ва «Вазорати маориф ва илм» дар зинаҳои гуногуни сохторӣ қарор доранд ва мафҳумҳои гуногунро ифода мекунанд. Соҳаи маориф як низоми бузургро дар бар мегирад, ки ба он ҳазорҳо муассисаи таълимӣ таалluқ доранд. Вазорати маориф ва илм бошад, мақомоти марказии идоракунандаи давлатии соҳа буда, сиёсати ягонаи давлатӣ дар бахши маориф ва илмро амалӣ месозад.

Дар робита ба таҳлилҳои агентӣ, зикр намудан ҷоиз аст, ки ҳолатҳои муайяни қонуншиканиҳо ва камбудиҳои хусусияти коррупсионидошта, ки дар муассисаҳои алоҳидаи таълимӣ ошкор мешаванд, набояд мустақиман ба фаъолияти худи Вазорати маориф ва илм нисбат дода шаванд, зеро аксари ҳолатҳои зикршуда дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ ба қайд гирифта мешаванд ва маблағгузори онҳо, асосан, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ё дигар вазорату кумитаҳо мебошанд. Бо вуҷуди ин, Вазорати маориф ва илм масъулияти худ медонад, ки ҳамеша назорати иҷрои қонунгузории зиддикоррупсионӣ ва риояи стандартҳои шаффофияти молиявиро таҳким бахшад. Бо ҳамин мақсад, тайи солҳои охир як қатор санадҳои дохилӣ қабул гардидаанд, ки ҳадафи онҳо пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва таҳкими низоми назорат дар тамоми зинаҳои соҳа мебошад.

Вазорати маориф ва илм минбаъд низ дар доираи қонунгузорӣ бо ҳамаи сохторҳои дахлдор ҳамкорӣ намуда, барои таъмини шаффофият ва баланд бардоштани сатҳу сифати идоракунии соҳаи маориф пайваста талош менамояд.

*Мусоҳиб*
***Сумая ЮСУПОВА,***
***«Омӯзгор»***

**Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар шаҳри Панҷакент 81 иншооти соҳаи маориф сохта шудааст.**

**ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ**

# ҲАДАФИ КИТОБХОНӢ – ХУДРО ДАРЁФТАНУ ШИНОХТАН

***Ҳанӯз дар аҳди қадим дар маъбади Зевс (ки ӯро юнониҳои бостон Эзади эзадҳо эътироф мекарданд) лавҳае буд ба ин мазмун: «Худро бишнос». Зиндагии одамӣ зудгузар аст ва он касе ба маънои томаш маънои зиндагиашро дармеёбад, ки худро дар ин раванди гирудори кайҳон дарёбад ва бишносад.***

Башарият дар он замоне ки ҳанӯз воситаҳои илмии шинохт ва маърифати худӣ набуд, тавассути асотиру ривоятҳо асрори азалро ҷустуҷӯ мекард, аз ҳар ривояту устурае маъно меҷуст... «Достони Гилгамеш»-и шумериҳои қадим (ҳазораи 2-юми қабл аз милод) бори нахуст мубориза барои бемаргиро ба мардум талқин кард: зиндагии одамиро касеву чизе наметавонад қатъ кунад, вақте аз ӯ ёдҳо аз шарафу эътибор ва корҳои шоистаашро боқӣ мемонад.

Достонҳои Ҳомери юнонӣ («Илионӣ» ва «Одиссея», қарни 8-уми пеш аз милод) шарафи одамӣ ва қудрати беинтиҳои муҳаббати инсонро нисбат ба меҳан ва нигаҳдошти фарри одамиро дар рӯбарӯйии ҷангҳо ва муборизаҳои беинтиҳо барои аз бардагӣ халос шудан бозгӯ мекунанд, ки то кунун беҳтарин намунаҳои тасовири адабии омехта бо афкори баланди ҳикамӣ мемонанд. Яъне, ҳанӯз дар бомдоди ташаккули ҷомеаҳои башарӣ, ки на қонун буду на китоб, ҳамин тасаввуроти асотирӣ раҳнамои мардум барои маърифати худу шинохти кайҳон буданд.

Баъдан аз ҳамин тасаввуру пиндорҳои асотирӣ назариёти гуногуни илмӣ ба вуҷуд омаданд, масалан, ҳамин қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо, ки дар фалсафа эътибори баланд дорад, барчида аз дурдонахои устураи Прометейи юнонист. Ин навъ мисолҳоро зиёд овардан мумкин аст.

Баъдан нахустин афкори фалсафӣ дар шакли ақидаҳову гуфторҳову суханрониҳо зуҳур карданд ва барои дуруст фаҳм шудани ин ҳикматҳо ба мағзу шуури мардум адибон онҳоро дар либоси анвои гуногуни адаби бадеӣ манзур карданд. Ҳамин тавр, адабиёти бадеӣ дар радифи талқини забон, вазифаи маърифат ва дарёфти ҳақоиқи ҳастиро ба шона гирифт ва бузургтарин хидматаш ҳам ҳамин аст. Адабиётро на барои он мехонанд, ки вақти инсон хуш гузарад, балки барои он ки аз хондаҳояш чизе лозим барои худшиносиашон дарёбанд.

Ҳоло замоне шуда, ки ҳар касеро масъалаву муаммо ва андешаву савдоест: одаме нест, ки мушкиле надошта бошад. Посухи ин суол, ки инсон дар анбуҳи гирудори зиндагӣ кай худро дуруст дармеёбад ва ҳаёти хешро дуруст танзим мекунад, басо душвор аст. Аммо посух ҳаст ва онро адабиёт якҷо бо фалсафа медиҳад.

Аз қадим ҳам дар каломи бадеъ ва низ дар фалсафа чунин маъно арзиш дошт, ки инсон ҷузъе аз табиат аст ва агар ҳамеша бо ин неъмати бузург худро ҳамоҳанг кунад, осоише дар ҳастӣ хоҳад дарёфт. Масалан, ҳакими хушноми чиноӣ Ян Чжу (асри V қабл аз милод) ин масъаларо хеле сода мепиндорад ва менависад: «Инсон як бор мезияд ва бояд чӣ гуна худро ғамхор бошад? Ду амалро бояд иҷро кунад:

– ба худаш халал нарасонад;

– дар як ҷо наистад. Хулоса, озод бизиҳад».

Ин ду амал чӣ маъно дорад? Шарҳаш аҷиб аст: гӯши одам ҳамеша хостори шунидани мусиқаву хонишхост, садди ин кор нашавад; чашм ҳамеша зебоиҳо ва рангҳоро дидан мехоҳад, ин биноиро маҳдуд накунад; бинии одам низ ниёзҳо дорад, бӯйи хушро дӯст медорад, мудом ин хоҳишро иҷро бикунад, забон мехоҳад, ҳамеша такаллум кунад, пеши роҳашро одам бояд нагирад, чун ақл кунд мегардад.

Андеша, мағзи инсон аз ҳама бештар озодӣ мехоҳад, онро маҳдуд кардан худро гулому бардаи дигарон кардан аст, зӯран пеши роҳи андешаро гирифтан маънои ба марги яқин маҳкум шуданро дорад.

Пеши роҳи ин хубиҳову хушиҳои табиати инсонро гирифтан истибдод аст. Маънои ҳаёти осуда ҳамин аст, ки инсон ҳамин ниёзҳои чашму гӯшу биниву забону ақидаву андешаро набояд сарфи назар кунад. Аммо ҳамаи ин амалҳоро меъёр ва нозираш тафаккури солим аст.

Ин ҳакими аҳди бостон дар мавриди вазъи руҳиву равонии инсонҳо низ афкори ҷолиб дорад. Одамон дар чаҳор ҳолат осудагиро дарнамеёбанд: умри дароз (агар он умри азизро беҳуда сарф кунанд), шарафмандӣ (бо як-ду амале соҳиби шараф шуда, як умр дигар бо он ноз мекунанд), рутбаҳо (фарзан, доктору профессорҳо, академикҳо, ки осорашонро ҷуз худашон касе намехонад, бархе шуарои халқӣ, ки шеърашон миёни мардум гардиш надорад, кормандони шоиставу хеле шоиста, ки ҳамин шоистагиҳояшонро ҷуз худашон касе эҳсос намекунад, чун маҳбубият надоранд ва ғайра) ва ниҳоят сарват (агар он ғолиби одам ва раҳнамои одам шавад ва ақлашро кӯр кунад).

Аз осмони фалсафа ба замини зиндагӣ фаромада, дурустии ин афкорро мо ҳамарӯза мебинему эҳсос мекунем: хеле инсонҳо ихтиёри чашмро ба андозае сар медиҳанд, ки дигар дар ҳар хонуми раҳгузар ҷононаеро мебинанд; гӯшро ба шунидани чизҳои нолозим иҷоза медиҳанд (фарзан, дар маҳофилу маҷолиси нозарур ё суҳбати мардуми бадгуҳар), забонро иҷоза медиҳанд, ки ҳарза бигӯяд (хусусан, дашному сақат ва қабеҳгуфтанҳоро).

Мутафаккири Руми бостон Проперсий мегуфт, касе, ки дашноми қабеҳ, ҳатто дар ҳоли шӯхиву ҳазл ҳам бигӯяд, ин маънӣро дорад, ки ҳоло ба сатҳи одам нарасидаст, яъне, дар сатҳи ҳайвоният қарор дорад, агар аз ин дараҷа – қабеҳгӯиву ҳарзаву дашном гуфтан гузарад, он гаҳ дар мақоми одами муътадил (на васату олӣ) ҷой хоҳад гирифт.

Чизи охир ҷилави андешаро гирифтан аст: ғизои андеша дониш асту фалсафа, чун инҳо, ки нест, инсон дар мақоми тӯтӣ қарор мегирад, ҳар касу нокасе чизе гуфт, изҳори қаноату дурустӣ мекунад. Адами андешаи худӣ адами одамият аст. Ҳадаф аз огоҳӣ доштан аз илму тамаддуни пешин, осори бузургон ва фарҳангу маънавияти гузашта андешаи худиро сохтан ва онро боэътимод кардан аст, вагарна дар гузаштаҳо ҳам андешаҳое буданд, ки бар зарари инсоният хидмат мекарданд.

Дар худи ҳамин фалсафа ҳам гоҳо афкори зиддунақизе ҳаст, ки на ҳамеша ба нафъи рушди инсон аст, фарзан, Афлотуни бузург бо он ҳама бузургворӣ дар рисолаи «Федон» касони дилбаста ба фалсафаро «касони машғул ба маргу мурдан» хондааст. Шопенгауэр низ дар китоби машҳури хеш «Дунё ҳамчун ирода ва тасаввур» боби маргро аз ин сухан оғоз мекунад: «Марг воқеан, нобигаву руҳбахшанда, раҳнамои фалсафа аст, ҳамин аст, ки Сукрот онро омодагӣ ба мурдан шарҳ додааст».

Аммо дар муқобили инҳо Бенедикт Спиноза, ҳакими маъруфи аврупоӣ, мегӯяд: «Инсони озод аз ҳама камтар аз марг меандешаду мегӯяд, хиради волои одам дар баррасиҳояш на аз марг, балки аз зиндагӣ маълум мегардад».

Мисолҳои дигар: андешаи «инсони фавқуттабиӣ»-и Фридрих Нитше дар хаёлхонаи миллатгароёни олмонӣ идеяи натсионал-сотсиализмро ба вуҷуд овард ва оқибаташ бо чӣ анҷомид, ҳама медонад. Карл Маркс андешаи коммунизмро мояи саодати башарӣ гуморид, таҷрибаи дуруст набаромад, беш аз ҳафт даҳсола идома наёфт ва ба байн рафт

Файласуф Владимир Соловёв (дар китобаш «Маънавияти фалсафа») андешаи муҳаббати воқеиро тавре шарҳ дод, ки он зидди роҳу равиши наслофарӣ буд. Шоири номвари рус Александр Блок ончунон мубталои ин андеша шуд, ки ҳамсари хеш Любов Дмитриевнаро (духтари кимиёгари маъруф Дмитрий Менделеевро) комилан бадбахт кард. Боз даҳҳо мисол овардан мумкин, аммо гумонам, кофист, ки то чӣ андоза андешаи худи ба илму фалсафаи дуруст асосёфта барои ҳар касе, ки шахсият шудан мехоҳад, лозим ва зарур аст.

Андешаро ҳосил кардан, як сӯ, онро дуруст баён кардан дигар масъала аст: гоҳе бархе «соҳибони забону фарҳанг» ончунон машғули тарғиби содалавҳонаи ин ё он андешаи муҳим мешаванд, ки касро дар ҳайрат мегузоранд. Худашон аз ҷаҳолат надониста, он андешаро дар дидаи мардум хор мекунанду бекадр.

Бо маданияти пасти гуфторашон ба иззати нафси мардум мерасанд, донишашон, ки сатҳист, қабоҳату зӯргӯйиро ба кор мебаранд. Як хосияти одами донишманду бофарҳанг ҳамин аст, ки ҳатто аз гуфтору навиштори рақибаш ё мухолифи ҷаҳонбиниаш чизҳои хуброаз нохуб, сараро аз носара ҷудо карда, алоҳида ба таҳлил мегирад. Гумонам, ҳоло дар ҷомеаи мо чунин адаби муносибат ташаккул наёфтааст, ки ҷойи дареғ гуфтан дорад.

Як маъхази бисёр хуби ташаккули андеша ба ҷуз мутолиа ҳамин маҳфилу ҷаласаву ҷамъомадҳои илмиву фарҳангист. Шарти иштирок ҳамин, ки дар чунин ҳамоишҳо сухан наву тоза бошад. Одам чизе ба худ гирифта тавонад. Вагарна сухани Василий Шукшин ба ёд меояд, ки дар ин маврид овардаанаш басо муносиб аст: «Дар се ҳолат вақти қимати банда бархадар меравад: дар навбатпойиҳо, дар қироати асарҳои хоми бадеӣ ва дар маҷлису маҳфилҳои беҳадафу бемаъно».

Ҳоло зиёд мушоҳида мешавад, ки аксар ҷавонони мо андешаро на аз мутолиаи бевоситаи осори илмиву бадеӣ, балки аз ривояту таърихи устураву афсонаҳо, тавассути ширкат дар маҳфилҳои мардуми миёнасавод ҳосил мекунанд. Ҳассосияти мардуми мо ниҳоят баланд аст, гувоҳи ин фикр рағбати беандозаи мардуми мо ба шеъру мусиқа ва тамошову саҳнаҳост. Мардум дастаҷамъона ба намоишҳои оммавӣ рафтан ва ширкат карданро дӯст медорад.

Дар маҳфиле будам, ки воизе ҳангоми таҳлили шеъри Бедил мегуфт: – Искандар барои ба даст овардани ҷоми ҷаҳоннамо ҷониби Ҷамшед омад.

Искандари воқеӣ кучову Ҷамшеди устурaӣ кучо?

Ё дар мавриди ин рубоии машҳури Хайём:

*Ибриқи майи маро шикастӣ, Раббӣ,*
*Бар ман дари айшро бубастӣ, Раббӣ.*
*Бар хок бирехтӣ майи нобӣ маро,*
*Хокам ба даҳан, магар ту мастӣ, Раббӣ?!*

Меоваранд, ки баъди ин густохӣ қаҳри Илоҳӣ рӯйи шоирро сиёҳ кард, аммо пири густох тавба карду фарёд баровард, ки:

*Нокарда гуноҳ дар ин ҷаҳон кист, бигӯ,*
*В-он кас, ки гунаҳ накард, чун зист, бигӯ.*
*Ман бад кунаму ту бад мукофот диҳӣ,*
*Пас фарқ миёни ману ту чист, бигӯ?*

Баъди ин Худо ӯро бубахшид ва дигарбора рӯсафедаш кард. Абулхусайни Зарринкӯб дар «Пири Нишопур» ном мақолааш ин ривоятро чунин шарҳ додааст: «Афсонаи шоиронаест, ки инсон дӯст дорад, бихонад ва бовар кунад, аммо, албатта, дар назари як муҳаққиқ арзише надорад. Ин қадар ҳаст, ки атвору аҳволи ҳаким барои он ки чунин афсонае дар бораиш ҷаъл ва вазъ кунанд, муносиб будааст».

Чунин ва ба ин монанд афсонаву таърихҳо дар фарҳанги мо ниҳоят зиёданд, аммо онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд аз аносири шаклдиҳандаи андешаи пешрав бошанд. Ба қавли Бедил:

*Ғафлати олам фузуд аз саргузашти рафтагон,*
*Ҳар куҷо афсона бошад, ҳеҷ кас бедор нест.*

Чизе, ки андешаро вусъат ва неру медиҳад, ҳақиқатҳои илмист. Касонеро, ки то ҳақиқат намерасанд, гоҳо гумроҳ мегӯянд, ки гумонам, ин ҳам дуруст нест. Ё ҳақиқат мешавад, ё муқобили он – дурӯғ. Набояд дар миёна гумроҳӣ барин унсуре бошад. Агар андешаи мо ба воқеият мутобиқат дошта бошад, пас дуруст аст, агар на, нодуруст аст.

Дар ин хусус Афлотун низ сухани хубе дорад: «Касе, ки дар бораи ашё мувофиқ ба он ки дар ҳақиқат ҳамон тавр аст, сухан мегӯяд, ҳақ мегӯяд, дигаргуна гӯяд, нодуруст мегӯяд». Каси ҳақиқатҷӯ аввал бояд онро биҷӯяд, в-он гаҳе муқарраараш бисозад. Ӯ ҳақиқатро ҳамон вақт меёбад, ки дар бораи як чиз ё асл афкори (назароти) мухталифро ба ҳам қиёс кунад ва ибтидо шак дошта бошад. Ҳамин тавр, муқаррар намудани ҳақиқат ё расидан ба асли ҳақ марҳалаи гузариш аз нодонӣ ба доноист...

Дар оғози матлаб гуфтем, ки инсон дар ҳар мавриде аз зиндагӣ, агар хешро бо асли табиат ҳамоҳанг созад, мухолифи роҳу равиши он набошад, бо кумаки илму дониш ва махсусан, улуми ҷаҳонбинӣ соҳибандеша ва соҳибмақом хоҳад шуд.

Эпикур дар мавриди манфиати илм мегӯяд: «Бемояву бенафъ аст сухани ҳакиме, ки дардеву азияти одамеро шифо набахшад. Ба чизе наарзад табибе, ки суханаш ба тавсияш дармони ранҷи кас нашавад. Агар вазифаи тиб роҳ бахшидани тан аз дард бошад, пас вазифаи илм ранҷи руҳро бартараф сохтан аст».

Барои дарёфти бахту саодати инсонӣ аз ҳикмату адабу фалсафа бояд кор гирифт. Эпикур идома медиҳад: «Бигзор, ҳеҷ касе на дар айёми ҷавонӣ ва на дар пиронсолагӣ аз донистани фалсафа рӯ нагардонад. Чун ҳеҷ кас намедонад, ки ба сиҳҳати руҳ дастёб шудааст ё на. Касе мегӯяд, ки ҳоло вақташ нарасида ё вақташ гузашта, иштибоҳ мекунад, зеро фикри онон ҳамин маъноро дорад, ки барои хушбахт шудан ё барвақт аст, ё аллакай дер шудааст».

Воқеан, агар жартфтар биандешем, илми тибро на барои илми тиб буданаш меомӯзанд, балки барои он меомӯзанд, ки саломатии мардумро нигаҳ медорад, ҳамон гуна хирадро барои он гирд меоваранд, ки ба кас дар ҳаёт бо ҳама хушиву хубиҳои зиндагӣ таъмин ва қаноатманд шавад.

Адабиёти бадеӣ низ аз васоити беҳтарини ҳосил кардани андеша ва ҷаҳонфаҳмии худист, ки аз роҳи завқу ҳис таъсири ҷонбахше ба руҳу равони одамӣ дорад. Ҳадафе, ки дар тинати одамизода адабиёт дорад, маънавият аст.

Маънавият маънои дигаре надорад, ба ҷуз масъулият барои гуфтору рафтори хеш. Аммо касе одами маънавӣ буда метавонад, ки иродаи озод дошта бошад. Ахлоқу қонун унсурҳое ҳастанд, ки аз берун ба кас тақозо мешаванд, маънавият бошад, амалкарди инсон мувофиқ бо тақозои виҷдонаш аст. Адабиёт ҳамин гуна рисолат дорад ва аз ин ҷиҳат бо илму фалсафа қариб баробарӣ мекунад. Каси машғул ба мутолиаи китоби бадеӣ ҳатман соҳиби андеша хоҳад гашт, дар ҳар шаклу муҳтавое набошад. Китобро барои он мехонанд, ки андеша пайдо шавад, дар сурати баръакс, вой бар ҳоли он китобу ҳайфи вақти хонанда.

Адиби маъруфи амрикоӣ Марк Твен ҷойе менависад: «Инсон дар ҳаёташ ду рӯзи муҳим, хеле муҳим дорад: рӯзе, ки таваллуд шудааст ва рӯзе, ки фаҳмидааст, барои чӣ». Ҳамин фаҳмидани одам, ки барои чӣ дар сарои ҳастӣ мезияд ва барои хуб зистанаш чӣ бояд кунад, асли андешаи худро шинохтану маърифат кардани оламӣ ашёст.

***Ҳафиз РАҲМОН,***
***адабиётшинос***

ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНӢ

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

**(Идома аз шумораҳои гузашта)**

**Машғулияти бисту ҳаштум (синфҳои 5-7)**

433. Исбот кунед, ки фарқи $999993^{1999} - 777777^{1995}$ ба *5*-каратӣ баробар мебошад.

434. Паллаҳои нодурусти (гуногунвазни) тарозу мавҷуданд. Тарозубон аз онҳо истифода бурда, бояд массаи ягон борро муайян кунад. Оё тарозубон массаи аниқи ин борро бо ёрии ду ченкунӣ: борро аввал бо як паллаи тарозу, санги тарозуро ба паллаи дуюм ва пас аз он борро ба паллаи дуюм ва сангҳоро ба паллаи якуми тарозу гузашта дуруст муайян карда метавонад?

435. Барои баркашидани *2* кг ғалла дар паллаҳои тарозуи вайрон соҳибхона чунин рафтор кард: аввал санги тарозуи вазнаш *1* кг-ро ӯ бо як паллаи тарозу гузошта ғалларо баркашид, баъд сангро ба паллаи дигар гузошта, борро баркашид, ҳарду миқдори ғалларо ба як халта андохта, гумон кард, ки массаи он ба *2* кг баробар аст. Оё гумони соҳибхоназан дуруст аст?

436. Ба ғалтаки диаметраш *30* мм лентаи пружинаро ҳамин хел печонидан лозим аст, ки ғафсии он *0,25* мм буда, диаметри умумии ғалтак бо лентаи ба он печонидашуда ба *130* мм баробар шавад. Дарозии лента бояд чӣ қадар бошад?

437. Аз тунукаи квадратшакл рахи васеъгияш *25* см бурида гирифта шуд. Агар




масоҳати тунукаи боқимонда ба *4400* см² баробар бошад, андозаи ибтидоии тунука ёфта шавад.

438. Дар майсазор алаф як хел зич ва тез месабзад. *70* сар гов алафро дар *24* рӯз, *30* сар гов онро дар *60* рӯз хӯрда тамом мекунад. Чанд сар гов алафро дар *96* рӯз хӯрда тамом карда метавонад?

439. Исбот кунед, ки адади $m^3$-$m$ дар қимати дилхоҳи натуралӣ ба *6* тақсим мешавад.

440. Адади $m^2$-*1* дар қимати тоқ ба *8* тақсим мешавад?

441. $p^2$-*1*, ки дар ин ҷо *p*-адади сода аст, аз *3* калон мебошад, ба *24* тақсим мешавад?

442. $n^2$-$n$ дар қимати натуралии дилхоҳи *n* ба *30* тақсим мешавад?

443. Агар адади бутуни *a* ба *5* тақсим нашавад, $a^4$-*1* ба *5* тақсим мешавад?

444. Ҳар гуна адади намуди $n^4+4$ (*n*-адади натуралӣ, $n>1$) адади таркибӣ мебошад?

445. Дар муодилаи $3kx^2-2x-3k-2=0$ қимати ададии *k*-ро, ки дар он як решаи муодила ба *0* баробар мебошад, барқарор кунед.

446. Муодилаи $(k-2)x^2+2(k-1)x+k-3=0$ дода шудааст. Дар кадом қимати *k* муодила:

1) дорои ду решаи баробар мебошад;

2) решаҳои ҳақиқӣ надорад.

**ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ВА НИШОНДОДИ ОНҲО**

**433.** Дараҷаҳои ададҳои бо *3* ба итмом расанда бо *3; 9; 7; 1,* дараҷаи ададҳои бо *7* ба итмомрасида бо *7; 9; 3; 1* тамом мешаванд. $1999=1996+3=4\cdot446+3$. $1997=4\cdot466+1$ аст. Ҳарду дараҷаҳои додашуда рақами воҳидҳои *7*-ро доранд, бинобар ин, фарқи онҳо ба *5*-каратӣ баробар мебошад.

**434.** Агар дар ченкунии якум массаи бор ба *p* гр баробар шуда, дар ченкунии дуюм *q* грамм бошад, он гоҳ массаи дуруст $\sqrt{pq}$ мебошад.

**435.** Соҳибхоназан аз 2 кг зиёд баркашид. Бигзор, *a*-массаи ҳақиқии ғаллаи бори якум баркашида шуда, *b*-бори дуюм баркашидашуда бошад. Мувофиқи масъалаи пешина $\sqrt{ab} = 1$ аст. Аз ин ҷо ҳосил мекунем: $a \neq b$,

$$a + b = \frac{a}{\sqrt{ab}} + \frac{b}{\sqrt{ab}} = \frac{(\sqrt{a})^2}{\sqrt{a}\sqrt{b}} + \frac{(\sqrt{b})^2}{\sqrt{a}\sqrt{b}} = \frac{\sqrt{a}}{\sqrt{b}} + \frac{\sqrt{b}}{\sqrt{a}} > 2.$$

**436.** Лента спиралшакл печонида шудааст. Барои ҳисобкунӣ бо саҳеҳии барои амалия кифоя якчанд қабати силиндрии консентрикӣ ҳосил мешавад. Ҳангоми ҳисоби дарозии ҳар яке аз чунин ҳалқаҳо, аз дарозии давраи миёнаи он истифода кардан мумкин аст. Он гоҳ ҳалқаҳо $\frac{130-30}{2\cdot0,25} = 200$ дона мешаванд.

Диаметри давраи миёнаи ҳалқаи якум (хурдтарин) $30+2\cdot\frac{0,25}{2} = 30,25$ *мм,* диаметри давраи миёна ҳалқаи дуюм *30,75 мм* мешавад. Диаметри давраи миёнаи ҳалқаи охирин *129,75 мм* мебошад, дарозии ҳамаи ин давраҳо прогрессияи арифметикиро ташкил медиҳад: $\pi\cdot30,25; \pi\cdot30,75; \pi\cdot31,25; \pi\cdot129,25; \pi\cdot129,75$. Суммаи онҳо ба $1=\pi\cdot16000\approx50250$ *(мм)* мебошад, пас лента бояд дарозии *50 м 25 см*-ро дошта бошад.

**437.** *80 см.*

**438.** *20* сар гов.

**439.** $m^3-m=m(m+1)(m-1)$ аст. Як ё ҳатто дутои ин ададҳо ҷуфт ва яктои он ҳатман ба *3*-каратӣ баробар аст.

**440.** $m^2-1=(m-1)(m+1)$. Дар *m*-и тоқ ин ҳосили зарби ду адади пай дар пай ҷуфт буда, он ба *8*-каратӣ баробар мешавад.

**441.** $p^2-1=(p-1)(p+1)$ мебошад. Ҳалли минбаъда ба масъалаи *2* монанд аст.

**442.** $n^5-n=n(n-1)(n+1)(n^2+1)$ мебошад. Ҳосили зарби $(n-1)n(n+1)$ ба *2* ва ба *3* тақсим мешавад, пас он ба *6* низ тақсим мешавад: $n^5-n$ ба *5* тақсим мешавад ва ҳангоми $n=5k$; $n=5k+1$; $n=5k+2$; $n=5k+3$; $n=5k+4$ будан ҳам ба *5* тақсим мешавад.

**443.** $a^4-1=(a^2+1)(a-1)(a+1)$ аст. $a-1$ ҳангоми $a=5n+1$ ба *5* тақсим мешавад; $a^2+1$ ҳангоми $a=5n+2$ ва $a=5n+3$; $a+1$ ҳангоми $a=5n+4$ будан ба *5* тақсим мешавад.

**444.** $n^4+4=n^4+4n^2+4-4n^2=(n^2+2)^2-(2n)^2=(n^2+2+2n)(n^2+2-2n)=((n+1)^2+1)\cdot((n-1)^2+1$ аст. Пас адади матлуб адади таркибӣ мебошад.

**445.** $k = -\frac{2}{3}$.

**446.** 1) $k = 1\frac{2}{3}$; 2) $k < 1\frac{2}{3}$.

***Мамадҷон МАҲКАМОВ,***
***профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ***

БА ЁРИИ ОМӮЗГОРОН

# Масъалаҳои химиявӣ

**(Идома аз шумораҳои гузашта)**

**27. 140 г оксиди карбон чанд литрро (ш.м.) ишғол мекунад?**

**Ҳал:** Ҳаҷми *1* мол газҳои гуногун дар шароити муътадил ба *22,4 л* баробар аст. Масъаларо бо формулаи зерин ҳал мекунем:

$$n=\frac{m}{M} \text{ ва } n=\frac{V}{V_m}$$

Чӣ тавре дар боло зикр кардем, ҳаҷми *1* мол газҳои гуногун дар шароити муътадил ба *22,4 л* баробар аст. Пас, миқдори газҳо бо ҳам баробаранд *(n=n),* дар натиҷа формулаи зерин ҳосил мешавад, ки мо массаи онро ҳисоб мекунем:

$$\frac{m}{M}=\frac{V}{Vm} \longrightarrow V \ \frac{Vm\cdot m}{M}$$

Дар ин формула m-массаи моддаи додашуда (грамм), *M*-массаи молярии моддаи додашуда (г/мол), *V*-ҳаҷми газ *(л)* ва $V_m$-ҳаҷми молярӣ *(22,4 л/мол)* мебошад.

| Д.ш.аст: | |
|---|---|
| $m(CO)=140$ г<br>$Vm=22,4$ л/мол<br>$M(CO)=28$ г/мол | $V=\frac{22,4\cdot140}{28}=112$л |
| $V(CO)$–? | |

**Ҷавоб:** *112 л.*

**28. Массаи молярии газеро, ки зичиаш нисбат ба оксиген баробари 2 аст, ҳисоб кунед.**

**Ҳал:** Массаи молярии газро бо формулаи зерин ҳал мекунем:

$$D=\frac{M_1}{M_2} \longrightarrow M_1=D\cdot M_2$$

Дар ин формула *D*-зичии газ, $M_1$-массаи молярии гази якум ва $M_2$-массаи молярии гази дуюм мебошад:

| Д.ш.аст: | |
|---|---|
| $D=2$<br>$M_2(O_2)=32$ г/мол | $M_1=2\cdot32=64$ г/мол |
| $M_1$ – ? | |

**Ҷавоб:** *64 г/мол.*

**28. Массаи молярии газеро, ки зичиаш нисбат ба гелий ба 7 баробар аст, ҳисоб кунед.**

**Ҳал:** Массаи молярии газро бо формулаи зерин ҳал мекунем:

$$D=\frac{M_1}{M_2} \longrightarrow M_1=D\cdot M_2$$

Дар ин формула *D*-зичии газ, $M_1$-массаи молярии гази якум ва $M_2$-массаи молярии гази дуюм мебошад:

| Д.ш.аст: | |
|---|---|
| $D=7$<br>$M_2(He)=4$ г/мол | $M_1=7\cdot4=28$ г/мол |
| $M_1$ – ? | |

**Ҷавоб:** *28 г/мол.*

**29. Массаи молярии газеро, ки зичиаш нисбат ба ҳидроген ба 22 баробар аст, ҳисоб кунед.**

**Ҳал:** Массаи молярии газро бо формулаи зерин ҳал мекунем:

$$D=\frac{M_1}{M_2} \longrightarrow M_1=D\cdot M_2$$

Дар ин формула *D*-зичии газ, $M_1$-массаи молярии гази якум ва $M_2$-массаи молярии гази дуюм мебошад:

| Д.ш.аст: | |
|---|---|
| $D=22$<br>$M_2(H_2)=2$ г/мол | $M_1=2\cdot22=44$ г/мол |
| $M_1$ – ? | |

**Ҷавоб:** *44 г/мол.*

**30. Зичии оксиди карбон (IV)-ро нисбат ба ҳидроген ҳисоб кунед.**

**Ҳал:** Зичии газҳо бузургии нисбӣ мебошад ва аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$D=\frac{M_1}{M_2}$$

Дар ин формула *D*-зичии газ, $M_1$-массаи молярии гази якум ва $M_2$-массаи молярии гази дуюм мебошад:

| Д.ш.аст: | |
|---|---|
| $M_1(CO_2)=44$ г/мол<br>$M_2(H_2)=2$ г/мол | $D=\frac{M_1}{M_2}=\frac{M(CO_2)}{M(H_2)}=$ |
| $D$ – ? | $=\frac{44}{2}=22$ |

**Ҷавоб:** *22*

**31. Зичии оксиди сулфурро нисбат ба гелий ҳисоб кунед.**

**Ҳал:** Зичии газҳо бузургии нисбӣ мебошад ва аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$D=\frac{M_1}{M_2}$$

Дар ин формула *D*-зичии газ, $M_1$-массаи молярии гази якум ва $M_2$-массаи молярии гази дуюм мебошад:

| Д.ш.аст: | |
|---|---|
| $M_1(SO_2)=64$ г/мол<br>$M_2(He)=4$ г/мол | $D=\frac{M_1}{M_2}=\frac{M(SO_2)}{M(He)}=$ |
| $D$ – ? | $=\frac{64}{4}=16$ |

**Ҷавоб:** *16*

**32. Зичии оксиди нитрогенро нисбат ба ҳидроген ҳисоб кунед.**

**Ҳал:** Зичии газҳо бузургии нисбӣ мебошад ва аз рӯйи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$D=\frac{M_1}{M_2}$$

Дар ин формула *D*-зичии газ, $M_1$-массаи молярии гази якум ва $M_2$-массаи молярии гази дуюм мебошад:

| Д.ш.аст: | |
|---|---|
| $M_1(HO_2)=30$ г/мол<br>$M_2(H_2)=2$ г/мол | $D=\frac{M_1}{M_2}=\frac{M(SO_2)}{M(He_2)}=$ |
| $D$ – ? | $=\frac{64}{4}=16$ |

***С. ШОДИЕВ,***
***доктори Phd-и ДДТТ,***
***Ҷ. АЛИЕВ,***
***донишҷӯи ДТССТ***

**Имсол дар ВМКБ 45 корхонаву коргоҳи саноатӣ ба фаъолият оғоз намуд.**

*Чу некию бадӣ беҷустуҷӯ нест,*
*Накуй кун, ки бад кардан наку нест.*
*Хусрави Деҳлавӣ*



ҲАМОВОЗӢ

***Дар мақолаи олими шинохта, номзади илми филология Эҳсон Сафарзода «Зиёӣ» («Омӯзгор», 25 июни соли 2025) перомуни мазмуну мундариҷа, мавқеъю мартабаи зиёӣ дар замони гузашта ва имрӯза бо овардани далелҳои муътамад маълумот ироа гардидааст.***



МАВЗУИ РӮЗ

*Вақте дили дӯстон ба ҷанг озоранд,*
*Чандон ки на ҷои оштӣ бигзоранд.*
*Саъдии Шерозӣ*

«Омӯзгор» №26, 25 июни соли 2025 11

ХЕШТАНШИНОСӢ

**ЗИЁӢ**

*Дар ҳама даврy замон зиёён ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа, ҳомии фарҳангу забон, нигаҳбони арзишҳои миллӣ ва намояндаи андешаи солим шинохта шудаанд. Дар шароити муосир, ки ҷомеа бо даҳҳо мушкилоти сиёсӣ, фарҳангӣ ва иттилоотӣ рӯ ба рӯст, нақши зиёӣ беш аз ҳар вақти дигар аҳаммияти хос касб намудааст. Аммо зиёӣ кист?*

Оғоз

Мафҳуми «зиёӣ» (интеллигент) дар фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва илми сиёсат аз равзанаҳои мухталиф баҳогузорӣ мешавад. Ин мафҳум, ки реша дар забони лотинӣ дорад, аз замони навин ба ин сӯ ҳамчун рамзи ақлу маърифат, масъулияти иҷтимоӣ ва ҳувияти миллӣ пазируфта шудааст. Дар фазои пасошуравии кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, Тоҷикистон, зиёӣ шахсест, ки на танҳо соҳиби дониш аст, балки масъули ташаккули фикр, ташвиқу тарғиби забон, эҳёи фарҳанг, таҳкими худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои миллӣ мебошад.

Бо пешрафти технология, густариш ёфтани равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҷангҳои иттилоотӣ, дар назди зиёён вазифаҳои нав қарор гирифтанд. Акнун зиёӣ на танҳо шахсияти фарҳангӣ, балки фаъоли ҷомеа, муаррифи ахлоқӣ ва дидгоҳҳои миллӣ аст. Дар ин мақола мо кӯшиш мекунем, ки ба саволи «Зиёӣ кист?» посух диҳем ва рисолати зиёиро дар заминаҳои асосии фаъолияти ӯ, яъне, зиёӣ-забоншинос, зиёӣ-адабиётшинос, зиёӣ-шоир ва нависанда, зиёӣ-рӯзноманигор, зиёӣ-олим, зиёӣ-омӯзгор, зиёӣ – ҳомии ақл ва зидди ҷаҳолат шарҳ диҳем.

Зиёӣ-забоншинос

Забон на танҳо василаи иртибот, балки пояи асосии ҳастии миллат ва худшиносии миллист. Ҳифз, инкишоф ва татбиқи илмии забони миллӣ рисолати аввалиндараҷаи зиёёни забоншинос мебошад. Зиёӣ-забоншинос шахсест, ки бо дониши забонӣ, тафаккури миллӣ ва масъулияти иҷтимоӣ барои таҳкими ҷойгоҳи забони тоҷикӣ талош меварзад.

Дар Тоҷикистон нақши чунин шахсиятҳо, чун академик Муҳаммадҷон Шакурӣ, Баҳоваддин Мирзоев, Шарифҷон Ҳусейнзода, Шарофиддин Рустамов, Му...

шоиру нависандагони классик ва муосири тоҷику форс бошад. Ҳамзамон, барои шинохт ва муаррифии насли нави ин гурӯҳи ...

Хусусан, шеърҳои Мирсаид Миршакар:
Ман калон мешавам,
Қаҳрамон мешавам,
...

ҳамоҳанг намудани дастовардҳои илмӣ бо эҳтиёҷоти ҷомеа саҳми назаррас гузоштаанд, ки мисоли равшани ин аллома Бобоҷон Ғафуров мебошад.

Зиёии олим дар ҷараёни сиёсати илмӣ, таҳияи стратегияҳои рушди миллӣ ва барномаҳои таълимӣ иштирок мекунад. Ӯ афкори оммаро бо далелҳои равшан ба вуҷуд меорад ва муқобили хурофоту ҷаҳолат садо баланд мекунад.

Зиёӣ-омӯзгор

Аз ҳама муҳим, зиёӣ бояд омӯзгор бошад, ҳатто агар пешаи ӯ омӯзгорӣ ҳам набошад, зеро зиёӣ шахсест, ки медонад ва дарк мекунад, ки бояд дониши худро ба дигарон биомӯзонад. Вай таҷриба, маънавият, ҳикмат ва донишро ба наслҳо интиқол медиҳад.

Муаллимони зиёӣ дар тамоми соҳаҳо фаъолият мекунанд: аз синфҳои ибтидоӣ то донишгоҳҳо. Онҳо тарбиятгари афкор ва ахлоқ ҳастанд. Ҳар хонандае, ки аз чунин муаллим тарбия мегирад, ҳамчун як фарди худшинос, ватандӯст ва донишманд ба воя мерасад. Воқеан ҳам, замоне зиёии асил маҳз омӯзгорон буданд: маслиҳатгар, роҳнишондеҳ, гули сари сабад дар маъракаҳо, мушкилкушои тамоми афроди дармонда.

Шахсиятҳои таърихӣ, чун Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Абдулғанӣ Мирзоев, Муҳаммад Осимӣ, Қандил Ҷӯраев, Воҳид Асрорӣ, Ҳабибулло Искандаров ва омӯзгорони муосири кишвар намунаи равшани зиёии омӯзгор ҳастанд. Онҳо муҳити таълимро ба муҳити фарҳанг табдил додаанд. Бо ин ҳама таваҷҷуҳу талошҳое, ки Пешвои миллат нисбат ба омӯзгор доранд, дур нест, ки замони наздик боз омӯзгор мақому мартабаи худро дар ҷомеа дармеёбад ва садри мафилу маъракаҳо мегардад.

Зиёӣ – ҳомии ақл ва зидди ҷаҳолат

Яке аз ҷанбаҳои муҳим ва таърихии рисолат ва фаъолияти зиёӣ мубориза бо ...

# Сазовори номи зиёӣ бошем!

Албатта, дар байни мардум зиёӣ шахсияти маҳбубу маъруф мебошад, зеро бо гуфтану шунидани номи зиёӣ, пеш аз ҳама, омӯзгорон пеши назар меоянд, зеро онҳо машъалафрӯзони роҳи савод, илму маърифат, таълиму тарбия ва зиндагии инсонҳо ба ҳисоб мераванд.

Бояд қайд намуд, ки омӯзгорони зиёӣ хеле зиёданд ва дар ин ҷода онҳо бояд бештар биомӯзанд, соҳиби маърифати баланд ва ихтисосманди соҳаи хеш бошанд.

Аз ин рӯ, ҳар як омӯзгори зиёӣ бояд мунтазам ба омӯзишу мутолиа машғул шавад. Роҳу василаҳои нави таълиму тарбияро вобаста ба шароити муосир фаро бигирад ва дар раванди тадрис истифода кунад. Чунки сазовори обрӯю эҳтиром ва шуҳрату обрӯ гардидани омӯзгорон ба фаъолияти бомароми садоқатмандонаи онҳо иртибот дорад.

Ба ин мазмун, аз чанд лаҳзаи ҳаёти хеш ёдовар мешавем. Ҳангоми хонандаи мактаб будан дарсҳои омӯзгорон бароямон ибратомӯз буд.

Устод Мирзоҳаёт Сафаров (руҳаш шод бод!) аз забон ва адабиёти тоҷик дарс медод. Ҳамеша дар тан куртаи сафед, шиму костюми сиёҳ дошт, ки шинаму зебо буд ва ба ӯ мезебид. Ба устод ҳимо бо ҳавас менигаристам. Устод мавзуъҳоро бо шеъру ғазалҳои пандомез оғоз анҷом мебахшид. Дар чорабинию ҷамъомадҳои мактаб, деҳа, ҷамоат ва ноҳия фаъолона иштирок карда, ба ин чорабиниҳо роҳбарию сарварӣ мекард.

Дар мактаб намоиши бадеиро аз рӯйи асарҳои «Одина», «Марги судхӯр»-и устод Садриддин Айнӣ ба саҳна гузошт, ки хеле омӯзандаву ҷолиб буд.

Бо таклифу пешниҳоди шуъбаи маориф намоишномаи мазкур дар Қасри фарҳанги ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ пешкаши мардум гардид. Воқеан, Мирзоҳаёт Сафаров устоди эҷодкору нововар маҳсуб меёфт ва ҳар амалаш ба мо таъсири амиқ мерасонд.

Соли 1981. Баъди хатми Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Т. Г. Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ) ба мактаб ҳамроҳи устод ба фаъолият пардохтам. Устод бароям 140 нусха китоби бадеию илмӣ, таълимию методиро аз китобхонааш туҳфа намуд ва то охири умраш мисли падар маслиҳатҳои худро аз ман дареғ намедошт.

Устоди дигарам Ёрмаҳмад Файзов (руҳаш шод бод!) аз алгебра ва геометрия дарс мегузашт. Ӯ дар раванди машғулиятҳо диққати шогирдонро чунон ҷалб менамуд, ки чӣ тавр гузаштани дарсро эҳсос намекардем.

Омӯзгорони зиёӣ аслан тарғибгар, ташкилотчӣ ва роҳбалад мебошанд ва ин рисолатро бо масъулияти баланд иҷро менамоянд.

Шоистаи таъкид аст, ки бо дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаҳои илму маориф ба таври чашмрас рушд карданд. Музди меҳнати омӯзгорон сол то сол зиёдтар гардида истодааст.

Мутаассифона, баъзе омӯзгорон, хусусан, омӯзгорони ҷавон аз моҳи март мактабро тарк карда, ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд. Фикр намекунанд, ки дар пеш санҷишу имтиҳонҳо қарор дорад. Аслан, ин гуна муаллимон асилу дилсӯз намебошанд ва бо ҳамин сабаб чунин муносибат натиҷаи дилхоҳ намедиҳад.

Мо-омӯзгорони зиёӣ тарбиятгари наврасону ҷавонон ҳастем. Бинобар ин, тамоми ақлу заковат ва илму донишӣ худро бояд баҳри ободию пешрафти Ватанамон – Тоҷикистон сарф намоем ва насли созандаи давронро ба камол расонем.

***Саймаҳмад СУЛТОНОВ,***
***омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №17-и ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

КАСБИЯТ

***Дар раванди таълиму тарбия нақши омӯзгор хеле бузург аст. Дарс яке аз шаклҳои таълим буда, баробари рушди ҷомеа ва таҳаввулоти соҳа мазмуни тоза пайдо мекунад ва самарабахш ба роҳ мондани он аз маҳорати кордонии ҳар як омӯзгор вобастагӣ дорад. Бо дарназардошти мақсади ниҳоии мактабу маориф, маҳорати касбии омӯзгор такомул ёфта, ӯ бояд ба муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии ҷомеа диди нав дошта бошад. Дониши худро пайваста такмил бахшад, аз дастовардҳои илмии соҳа бохабар гардад. Аз омӯзгор талабот имрӯз дигар аст ва ӯ ҳам бояд муносибаташро ба таълиму тарбия тағйир диҳад.***

# Илму дониш аз омӯзиш ҳосил мешавад



Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати хонанда роҳандозӣ шуда, талаботи маърифатии ӯро бояд қонеъ намояд. Ба эътибор гирифтани қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо шарти зарурии ҷараёни таълим аст.

Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаи гуногуни тайёрӣ меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти сатҳи салоҳиятнокии ҳар як хонандаро муайян карда тавонад. Истифодаи усулҳои нав раванди дарсро пурмазмун ва шавқовар мегардонад.

Ҳангоми баёни мавзуи нав омӯзгор метавонад аз шаклу усул ва методҳои интерактивии таълим, ки яке аз талаботи асосии дарси муосир аст, ба таври васеъ истифода барад.

Тарбия раванди мураккаб буда, аз омӯзгор дониши фаровон ва маҳорати баланди касбиро талаб менамояд.

Устоду Садриддин Айнӣ фармудааст: «Фикри соиб ва ҳаракати дуруст пайдо намешавад инсонро, магар ба воситаи илму дониш. Илму дониш ҳосил намешавад, магар аз мактабу мадорис». Воқеан, танҳо тавассути савод омӯзондан ва тарбияи дуруст метавонем инсони ҳаматарафа ташаккулёфтаро ба камол расонем.

***Инобатхон ИСМОИЛОВА,***
***омӯзгори географияи МТМУ №3-и шаҳри Ваҳдат***

ТАЪМИНОТИ КАДРӢ

# Тақсимоти мутахассисони ҷавон



Дар Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев тақсимоти хатмкардагони ихтисоси омӯзгорӣ ва онҳое, ки тибқи квотаи Президентӣ донишгоҳи мазкурро хатм карданд, баргузор гардид. Дар ҷамъомад ректори донишгоҳ Амид Комилбек, сардори раёсати маорифи ВМКБ Мирзоқанд Аминҷон, мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо иштирок доштанд. Ректори донишгоҳ дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон, саҳми онҳо дар пешбурди ҷомеа ҳарф зада, барояшон дар фаъолияти омӯзгорӣ барор хост. Аз хусуси норасоии кадрҳои омӯзгорӣ дар баъзе мактабҳои вилоят Мирзоқанд Аминҷон маълумот дода, изҳори хушнудӣ намуд, ки мутахассисони ҷавон сафи омӯзгорони вилоятро пурра намуда, дар баланд гардидани сатҳи таълиму тарбия саҳми сазовор хоҳанд гузошт.

***Ҷангибеки УЛФАТШОҲ,***
***«Омӯзгор»***

ФАРОҒАТ

# Ҷалби 230 нафар ба истироҳатгоҳҳо



Дар даври якуми гусели хонандагон ба фароғатгоҳҳои тобистона дар майдони ба номи Исмоили Сомонии шаҳри Хоруғ ҷамъомади тантанавӣ сурат гирифт.

Бо оғози мавсими истироҳат, дар даври якум зиёда аз 230 нафар хонанда аз шаҳру ноҳияҳои вилоят ба фароғатгоҳҳои «Шабдез»-и ноҳияи Роштқалъа ва «Саодат»-и ноҳияи Шуғнон фиристода шуданд. Лозим ба зикр аст, ки дар ин истироҳатгоҳҳо барои фароғату таҳсили мактабиён шароитҳои хуб фароҳам оварда шудааст.

***Ҷангибеки УЛФАТШОҲ,***
***«Омӯзгор»***

**Ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Рашт 213 иншоот мавриди истифода қарор гирифтааст.**

МУЛОҲИЗА ВА ПЕШНИҲОД

# Ҷилваи русумоти тиргонӣ дар оинаи хотираи миллӣ

***Бояд таъкид кард, ки дар замони соҳибистиқлолӣ дар қаламрави Ҷумҳурӣ ҷашну оин ва суннату анъанаҳои дерини аҷдодӣ эҳё гардида, мардум барои таҷлили маросими бостонии миллӣ камари ҳиммат баста, аз тариқи роҳандозии барномарезиҳо сатҳи худогоҳию худшиносиро боло мебаранд. Аз тарафи дигар, Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раҳбарии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати дар сатҳи баланди ташкилию сиёсӣ ва маданию маърифатӣ баргузор гардидани ҷашну суннату маросими дерини аҷдодӣ, дар мисоли Наврӯз, Тиргон, Меҳргон, Ялдо ва Сада ибтикороти ҷиддие рӯйи даст гирифта, ин раванд ҳамоно идома дорад.***

Ба ин тартиб, яке аз ҷашнҳои куҳани аҷдодӣ, ки собиқаи тӯлонии устуравию ривоятӣ ва таърихию воқеӣ дорад, Тиргон мебошад. Дар бораи Тиргон сарчашма ва манобеи асримиёнагии форсии тоҷикӣ дар мисоли «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ, «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ, таълифоти донишмандони машҳури эронӣ Ҳошим Разӣ ва Маҳмуди Руҳуламинӣ, нигоштаҳои илмӣ-ихтисосии мардумшиноси шинохтаи рус М. С. Андреев, таҳқиқоти пажӯҳишгарони муосири тоҷик Ш. Юсуфбеков, А. Шоинбеков, Н. Шакармамадов, О. Шакармамадов, Т. С. Қаландаров ва дигарон иттилооти зарурӣ пайдо кардан мумкин аст.

Дарвоқеъ, агар Сада марбут ба фасли сармо ва зимистон бошад, Наврӯз марбути баҳори нозанин, Меҳргон ба фасли хазонрез-тирамоҳ ва Тиргон ба фасли гармои тобистон алоқаманд мебошанд.

Ҳамин тариқ, мардуми ориёитабор ҷашни Тиргонро айёми фасли гармои тобистон, ки мувофиқ ба 1 июли солшумории григорианӣ аст, таҷлил мекарданд. Тибқи гоҳшумориҳои аҷдодӣ ва таҷриботи тақвимофаринии бостонии миллӣ, ҳар рӯз номи махсусе доштааст, ки 12-тои онҳо бо номи моҳҳо айнан як хел буда, ҳар вақте ки номи моҳу рӯз ба ҳам мувофиқ меомадааст, мардум онро ҷашн мегирифтанд ва барномарезиҳое дар ин замина тартибу роҳандозӣ мекарданд. Ҷашнҳои куҳани аҷдодӣ ҳамагӣ бо аносири табиӣ ва ба истилоҳ, чаҳор аносири зинда – хок, об, оташ ва бод (ҳаво) тавъам будаанд.

Чун матлаби мо дар бораи ҷашни дерини Тиргон аст, қабл аз ҳама, ба ҷанбаи устуравӣ ва ривоятии он таваҷҷуҳ мекунем. Дар асотири Эронӣ бостон тир ба унвони Эзади борон муаррифӣ шуда, дар куҳантарин китоби ҷаҳонӣ «Авасто» дар қолиби «тиштарйа», дар забони паҳлавӣ ба шакли «тиштар» ва дар забони форсии дарии тоҷикии навин дар шакли «тиштар» ва «тир» зуҳур кардааст. Бар мабнои мухтавои устураҳои авастоиву паҳлавӣ, Тиштар мувazзаф шудааст, ки аз дарёи Фарохкарт об гирифта, онро дар шакли борон ба заминҳои аҳуроӣ резонида, бад-ин минвол заминҳои мардумиро, ки бар асари гармои сахту муҳлик хушк шудаанд, сероб гардонад. Ҳамчунин, «Тиштра» исми ситораи раҳшонтарини осмон буда, ба лиҳози мундариҷавию решаӣ бо ситораи Сириуси юнонӣ ҳамхонӣ дорад.

Ҷанбаи устуравии ҷашни Тиргон хеле ҷолиб аст ва он ҳам, мисли соири асотири ҷашнӣ, ҷаҳонбинии паҳлавонии мардуми эронитаборро ба ҷилва дармеоварад. Мувофиқи асотири ориёӣ, дар ин рӯз Манучеҳри Пешдодӣ дар мавзеи Табаристон аз Афросиёб шикаст меҳӯрад ва бузургони рӯзгордидагону паҳлавонон барои тақсимоти қаламрав ва мушаххас кардани ҳадду марз шарте пеш мегузоранд. Бар мабнои маслиҳату машваратҳои бузургон ва ҳаллу фасли мушкилоти марзию ҳудудӣ, ба паҳлавони номовари ориёӣ Ораши Камовар фармуда мешавад, ки ба болои кӯҳи Дамованд баромада, бо тамоми неру аз камон тир холӣ кунад. Камони кашидаи Ораши Камонвар бар асари қудрати ҷисмӣ ва тавони бозуӣ пора мешавад, вале тир бо суръати баланд ба сӯйи дарёи Ҷайҳун партоб мегардад. Устураҳо талқин мекунанд, ки тири Ораши Камовар бо суръати баланд аз субҳ то нимрӯзӣ дар фазои онрӯзӣ парвоз карда, оқибат ба танаи як дарахти бузургу гафс дар соҳили Ҷайҳун бархӯрда фуруд меояд. Пас ҷой ва макони афтиши тири Ораши Камоварро минҳайси ҳадду марзи Эрону Турон муқаррар мекунанд. Ин ҳодиса, ки дар қолиби устура рехта шуда, асрҳои аср ҳамчун манбаи мифологию маданӣ хидмат мекунад, боиси ҳалли мушкилоти марзию мушаххассозии сарҳади кишварӣ, аз як тараф ва баргузории ҷашни хушҳолӣ, аз тарафи дигар гардидааст.

Мусалламан, пас аз роиҷ шудани ҷашни Тиргон миёни ақвоми ориёӣ маросимоте дар қиболи он бофтаву



пардохта шуд, ки яке аз қадимтарин маросим «Обрезон» мебошад. Маросими «Обрезон» дар силсилаҷашнҳои дигари ориёӣ ҳам вомехӯрад, вале дар ҷашни Тиргон мушаххасоти он дигаргуна аст. Бар пояи баъзе мадораки асримиёнагӣ, замони шоҳигарии Пирӯзи Сосонӣ (459-484) дар ориёнзамин ҳафт сол хушксолӣ шуда, бар асари он рӯзгоре баде иттифоқот афтода, бар асари наборидани борон хушксолӣ тасаллути комил пайдо менамояд. Дар натиҷаи хушксолӣ мардуму ҷонварон ва гиёҳон маҳв мешаванд. Ин вазъи ногувор шоҳ Пирӯзи Сосониро ба андешидани тадобири зарурӣ вомедорад. Пирӯзи Сосонӣ дастур медиҳад, ки барои даъвати борон дар оташкада ба ибодат пардозанд. Ниҳоят, бо гузашти ҳафт сол, дақиқтараш, дар рӯзи Тир борон меборад ва заминҳои хушкшуда ва дар ҳоли табоҳӣ қарордошта сероб мешаванд. Ба хотири ин борони таърихӣ Пирӯзшоҳ амр мекунад, ки ин рӯзро «Обрезгон» ном ниҳода, ҳамасола ҷашн бигиранд.

Дар доираи маросими «Обрезон», ки ҳастаи ҷашни Тиргонро ташкил медиҳад, мардуми ориёӣ ва ақвоми бостонии эронӣ ба дохилу хориҷи манзилҳои зисти худ об пошида, рӯбучин карда, либоси тоза ба бар намуда, ба хушҳолӣ мепардохтанд. Дар ин миён, аз риштаи абрешимии ҳафтранг ресмоне ба шакли дастпона бофта, сохтусози ҷашнии худро «тиру бод» унвон медоданд. Бо гузашти даҳ рӯз дар Рӯзи Бод онро кушода, ба бод медоданд. Маҳз дар ин рӯз ақвоми ориёӣ, аз ҷумла, тоҷикон аз манзилу хонаҳои худ берун омада, хушҳолӣ карда, ба якдигар об мепошиданд. Бад-ин минвол, расми маъмуле, дар заминаи маросимоти тиргонӣ мутадовил гардид. То имрӯз, хушбахтона, дар баъзе минтақаҳои ориёинишин ин суннату маросими куҳани аҷдодӣ бо андаке тағйирот марсуму маъмул аст.

Зимнан, дар Мозандарони Эрон то имрӯз маросими ҷолибе бо номи «сенздаҳшаби тирмоҳ» мутадовил аст, ки иттифоқан идомаи ҷашни Тиргон мебошад. Дар доираи ин расми аҷдодӣ, мардум шоми сенздаҳуми тирмоҳ пас аз рӯбучину поксозии манзили зист ва шустушӯи баданӣ суфраи идона ва ба истилоҳ, хони тиргонӣ густурда, ақрабову азизонро гирди он фаро мехонанд. Дар суфраи тиргонӣ анвои ширинӣ ва хӯришҳои гуногун гузошта мешавад. Баъди тановули хӯрданиву нӯшиданиҳо аҳли хонавода аз тариқи девони Хоҷа Ҳофиз фолгирӣ мекунанд (ногуфта намонад, ки фолгирӣ аз девони Ҳофиз расми маъмули бисёре аз ҷашнҳои куҳани аҷдодӣ мебошад ва дар ҷараёни маросимоти наврӯзӣ, меҳргонӣ, ялдоӣ ва садавӣ ҳам бар он ишора шудааст). Ҳамин тавр, дар ҷараёни иҷрои маросимоти тиргонӣ бачаҳо ва насли наврасу хурдсол ҳам иштироки фаъол доранд ва бо хузури онҳо ҷашн рангу бӯйи тоза ба бар мекунад. Бачаҳо айёми тиргонӣ гурӯҳ-гурӯҳ ба кӯчаҳо баромада, суруду таронахонӣ мекунанд ва дар ҳоли хушнудӣ дари хонаҳоро кӯфта, ба бошандагони манзилҳои зист ҷашни Тиргонро шодбош мегӯянд. Дар баробари шодбошиҳо, соҳибхонаҳо ба бачаҳо меваю шириниҳо ҳадя намуда, бо хушнудӣ гуселашон менамоянд.

Яке аз минтақаҳое, ки то имрӯз аносири ҷашнҳои куҳани аҷдодӣ миллиро дар қолиби маросимоти ҷолибу зебое мунсаҷим кардааст, Бадахшон мебошад. Ин аст, ки аносири зиндаву қобили мулоҳизаи Тиргонӣ дар Бадахшон ба мушоҳида мерасад. Ҳарчанд ки имрӯз сокинони маҳаллӣ бо иҷрои баъзе русумоти аҷдодӣ бо номи маросимоти Тиргонӣ ёд намекунанд, ҳангоми равон кардани об ба ҷӯй расмеро роҳандозӣ менамоянд, ки он дар Шуғнону Роштқалъа таҳти унвони «хатс сар дъед» ва ё «хатс ай чид» («сар додани об» ё «об равон кардан ба ҷӯй») маъмул аст. Бар илова, унсури дигари ҷашни Тиргону Меҳргон ва Наврӯзу Сада вуҷуду ҳузури «Свастика» ба унвони асли намоишӣ-символикии ҷашнӣ аст, ки рамзи гардиши офтоб талаққӣ мешавад. Бад-ин тариқ, чаҳор тарафи он рамзи чаҳор фасли сол, нишони чаҳор нахустасос, намоди чаҳор ҷашни дар чаҳор фасли сол (Наврӯз марбут ба хоку баҳор, Тиргон марбут ба обу тобистон, Меҳргон марбут ба боду тирамоҳ, Ялдою Сада марбут ба оташу зимистон) аст.

Дигар ин ки Тиргон яке аз силсилаҷашнҳои қадимаи мост, ки барномарезиҳои кишоварзиро низ дар худ таҷассум менамояд. Мардуми мо аз қадимтарин замонҳо ба аносири обию равшанӣ такя намуда, ин ду унсур – обу оташро асли асоси зиндагӣ ва воқеияти рӯзгори инсонӣ шинохтаву муаррифӣ кардаанд. Маълум аст, ки барои рӯйдани зироат маҳз «обу тоб», яъне, об ва равшанию гармии офтоб зарурат дорад.

Дарвоқеъ, ҷиҳати эҳёи ҷиддии ҷашни куҳани аҷдодӣ – Тиргон ва мутадовил сохтани маросимоти он анҷом додани тадбирҳои зерин ба манфиати кор хоҳад буд:

**Якум.** Дар чаҳорчӯби асотиру маросими тиргонӣ, ки дар қолиби ривоёту расмиёте, аз қабили «партоби тир аз камони Ораши Камонгар», «истифодаи ғӯраи гандуму мева», «муъоҳидаву сулҳ миёни Эрону Турон», «иштироки мардум ба касбу кор», «риояти покизагӣ», «обпошию оббозӣ» ва дар маҷмуъ, парастиши об ва амсоли инҳо зуҳур кардаанд, метавон силсилаи ҷорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, сайругаштҳои оммавӣ, фестивал-озмунҳои саросарӣ, намоишномаҳои театрӣ, бозии саргармиҳои миллию мардумӣ (дар мисоли шӯхбозию саргармиҳои обзанию обпошӣ), мусобиқоти марбутаи варзишӣ (дар мисоли камонварӣ, оббозӣ ва амсоли инҳо) ташкил ва баргузор кард.

**Дуюм.** Даст ба кор шудани доираҳои илмию академӣ, муҳити фарҳангӣ-ҳунарӣ ва ҳавзаҳои адабию маданӣ дар заминаи омӯзишу таҳқиқ ва шинохту муаррифии шоистаи Тиргон ва маросимоти тиргонӣ талаботи замон маҳсуб мешавад. Ҳар қадар ибтикороти илмӣ-ихтисосӣ, талошҳои фарҳангӣ-ҳунарӣ ва ташаббусоти адабию маданӣ дар ростои шинохту муаррифии Тиргон минҳайси ҷашни бостонии миллӣ афзоиш ёбанд, ҳамон андоза ин ҷашн миёни мардум эътибору маҳбубият пайдо мекунад.

**Сеюм.** Мусалламан, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави иқдомоти созандаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз ташаббускорони асосӣ дар сатҳи байналмилалӣ дар робита бо масъалаҳои об ва дипломатияи об шинохта шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин, тавъам додану пайванд намудани арзишҳои қадимии ниёгон (дар мисоли иҷрои маросимоти тиргонӣ), ки гиромидошти обро ба унвони арзиши меҳварии ҷашнӣ талаққӣ кардаанд, бо ибтикороти имрӯзаи Раҳбарияти олии давлати миллӣ дар қиболи ҳифзи обу пиряхҳо бовар ба эҳёи воқеияти ҷашни Тиргонро таҳаққуқ бахшида, мақому ҷойгоҳи кишвари моро дар сатҳи минтақавию ҷаҳонӣ боло мебарад.

**Чаҳорум.** Ба таври куллӣ, ҷаҳду талошҳои ҳадафмандонаи мо дар заминаи ҳифзу гиромидошт ва ба сиҳату солим ба насли оянда мунтақил намудани иду ҷашну маросимоти бостонии миллӣ, аз ҷумла, Тиргон роҳро барои тақвияти хотираи таърихӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ ҳамвор месозад.

**Панҷум.** То ба сатҳи ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон ва Ялдову Сада расонидану фарогир кардани Тиргон вазифаи мост. Дар ин замина, бояд аз тамоми имконоти фикрию иҷтимоию фарҳангию маданӣ истифода кард, то ин ки Тиргон ба унвони ҷашни фарогири миллӣ миёни табақаҳои иҷтимоӣ ва кулли сокинони қаламрави Ҷумҳурӣ марсуму мутадовил гардад. Ибтикороти Роҳбарияти олии давлати миллиро дар заминаи эҳё ва рушду густариши ҷашнҳои куҳани аҷдодӣ, аз ҷумла, Тиргон ҳадафмандона идома бояд дод.

*Нозим НУРЗОДА,*
*корманди Академияи*
*миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Имрӯз, ки бозорат пурҷӯшу харидор аст,*
*Дарёбу бинеҳ ганҷе аз мояи некуӣ!*
*Ҳофизи Шерозӣ*



ЧЕҲРА

# Омӯзгори дилёб ва меҳрубон

***Барои омӯзгор муҳимтарин кор раҳ ёфтан ба дили шогирдон аст. Фаҳмидани хулқу атвори бачаҳо ҳам вақту заҳмат мехоҳад, яку якбора ба 24 ё 25 хонанда мақбул гаштан, миёни онҳо ҳурмату эҳтиром пайдо кардан, ба бовариву эътимодашон сазовор гаштан заҳмат талаб мекунад. Муносибати хуби тарафҳо, ҳамдилӣ, ҳамкорӣ, ҳамзабонӣ дар синф ва ниҳоят дӯст доштани шогирдон чун фарзандони худ аз шартҳои муҳимми таълиму тарбия дониста мешавад. Вақте омӯзгор ба дили бачаҳо роҳ ёфт, хулқу атвори ҳар якеро дониста гирифт, бе ягон шубҳа, дар фаъолияташ пешравиҳо меафзоянд.***

Санавбар Гулмаҳмадов аз омӯзгорони куҳансоли деҳаи Систи ноҳияи Ишкошим буда, 40 сол аст, ки дар мактаби №32-и деҳаи Андароб аз физика дарс медиҳад. Ӯ омӯзгори сергайрату заҳматкаш буда, бо ҳар як бача бо нармию меҳрубонӣ гап мезанад, пеши ҳар шогирд рафта, корашро мебинад, роҳнамоӣ мекунад. Намехоҳад, ки хонандагон ба чизи тайёру муфт одат кунанд, бояд ки худ сари ҳар саволу масъалаву супориш андеша намоянд, бигзор, ба душворӣ дучор шаванд. Устод Санавбар шогирдеро ба коре маҷбур намесозад, лекин корро бо ӯ тарзе ташкил менамояд, ки хонанда худ бо завқу шавқи дучанд пайи иҷрои супориши устод мешавад. Ҳар шогирде мекӯшад, ки ҳар чи зудтар корашро анҷом диҳад ва аз ҳама пеш даст бардорад, то ба тавсифи устодаш шарафёб гардад. Барои шогирдон ситоиши устод аз муваффақияташон беҳтарин тӯҳфа аст, аммо ба он сазовор шудан боз заҳмату кӯшишу ғайрат мехоҳад.

С. Гулаҳмадов хатмкардаи факултети физикаи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) мебошад ва аз овони донишҷӯйӣ ба касби омӯзгорӣ дил баст. Дар баробари таҳсил, дар мактаби махсуси ҷумҳуриявии мактаббачагони душвортарбия дарс гуфт ва таҷриба ҳосил кард. Аз соли 1985 (давраи дар курси дуюм таҳсил карданаш), ҳамзамон, дар озмоишгоҳи «Физикаи плазма ва техникаи лазерӣ»-и Пажуҳишгоҳи физикӣ-техникии ба номи Мардон Султонов чун озмоишгар кор кард. Азбаски ба илм рағбати зиёд дошт, таҳти роҳбарии доктори илмҳои физикаю математика Мардон Султонов дар мавзуи «Таъсири плазмаи баландсуръат ва баландҳарорат, таъсири шуъоҳои лазерӣ» ба пажуҳиш пардохт. Аз рӯйи мавзуи мазкур чандин мақолаву рисола таҳияву таълиф карда, ба аспирантураи ҳамин пажуҳишгоҳ шомил гашт.

Соли 1992 аз сабаби ба бӯҳрон печидани авзои сиёсӣ ба зодгоҳаш – деҳаи Сист баргашт ва дар таълимгоҳи №32 омӯзгориашро давом дод. Санавбар омӯзгорест эҷодкору навовару ҷӯянда. Одат накардааст, ки дарсҳояш дар қолабҳои анъанавию шахшуда сурат бигиранд, зеро аз таҷрибаи бисёрсолааш медонад, ки сарсариву рӯякӣ гузаштани дарс хонандаро дилгир мекунаду шавқи омӯзишро дар ӯ мекушад, бинобар ин, ҳар як дарс бояд чизи наве дошта бошад. Чизе дошта бошад, ки шогирдро ба худ ҷазб созад, шавқашро бияфзояд, гузаштани вақтро эҳсос накунад, 45 дақиқаи дарс барояш камӣ кунад.

Санавбар Гулмаҳмадов маҳорату малакаву таҷрибаи омӯзгориашро ба дигарон меомӯзонад. Ӯ дар даври вилоятии «Омӯзгори сол» ҷойи дуюмро гирифта, бо «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ сазовор шудааст.

Дар давоми фаъолияти 38-солаи омӯзгорӣ аз таҷрибаву мушоҳидаву маҳорату малакааш чандин мақолаи методию таълимӣ нигоштааст, ки дар нашриёҳои даврӣ ба чоп расидаанд.

Санавбар инсони хоксору меҳрубон буда, фарзандонашро чунон тарбия кардааст, ки ҳар кадоме аз рӯйи завқу шавқи худ дар донишгоҳҳо таҳсил намуда, роҳашонро дар зиндагӣ пайдо кардаанд.

Ҳарчанд нафақа наздик аст, Санавбар ҳанӯз ҳам серғайрату пуркор аст. Дилгармӣ ба зиндагӣ, рағбату шавқ ба кор, хушбин будан ба оянда, қаноатпешагӣ дар рӯзгор намегузорад, ки омӯзгорро тарк кунад.

***Ҷангибеки УЛФАТШОҲ,***
***«Омӯзгор»***

СИМО

***Муаллим барои пешрафти ҷомеа, соҳибмаърифатии мардум, соҳибтамаддунӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ хидмат менамояд. Омӯзгор соҳиби маърифати баланд, бурдбору сабур аст ва заҳмат ба харҷ медиҳад, то наслеро ба камол расонад, ки бунёдкор, худшиносу худогоҳ, ҷомеасоз бошад. Ӯ тамоми ҳастии хешро баҳри беҳбудӣ ва пешрафту саводнокии халқ ва миллат сарф намуда, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҳар як шогирдро босавод ва дар руҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ тарбия намояд.***



# Мубаллиғи илми кимиё

Баробари ривоҷу равнақи илму техника таваҷҷӯҳи волидон ба устодони соҳибтаҷрибаву соҳибихтисос пайваста меафзояд. Устод Мансурҷон Музаффаров яке аз он шахсиятҳое мебошад, ки бо рисолати иборатомӯзи омӯзгорию эҷодкорӣ дар қалби хонандагон меҳру муҳаббати илмомӯзиро афрӯхтааст.

Ӯ баъди хатми мактаби миёна соли 1967 ба Донишкадаи педагогии шаҳри Ленинобод (ҳоло ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров) дохил шуда, онро соли 1972 хатм намуд. Фаъолияти меҳнатии устод аз мактаби №17-и ноҳияи Ашт оғоз ёфта, аз соли 1980 дар вазифаи ҷонишини директор оид ба таълим кор кардааст.

Соли 1991 соҳиби нишони «Аълочии маорифи Тоҷикистон» гардид. Ҳамчун муаллими навовар, эҷодкор, қобилияти ташкилотчигии устодро ба назар гирифта, соли 2012 ӯро директори литсейи №2 таъйин намуданд. Дар ин вазифа то соли 2016 фаъолият карда, сипас дар гимназияи №1 ва литсейи №2 ҳамчун омӯзгори фанни химия корро идома додааст. Муаллим доим дар ҷустуҷӯ буда, кӯшиш менамояд, ки сахми худро дар тайёр кардани кадрҳои ояндасози миллат гузорад. Натиҷаи заҳматҳои софдилонааш буд, ки дар тӯли фаъолияти омӯзгорӣ шогирдонаш ба дастовардҳои хуб ноил гардида, айни ҳол дар мактабҳои олии тиббии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия таҳсил мекунанд.

Дар озмуни «Илм – фурӯғи маърифат» 8 нафар шогирдаш сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд. Ҳамчунин, 12 нафар шогирдаш дар сессияи Академияи хурди илмҳо иштирок карда, дар микёси ҷумҳурӣ сазовори ҷойҳои аввал гардиданд.

Меҳнати ҳалол, хоксорӣ, меҳрубонӣ, одамшиносӣ, фидокорӣ, масъулиятшиносии ӯ барои ҳамагон намунаи ибрат мебошад. Гарчанде ки дар синни нафақа аст, ҳамеша дар ҷустуҷӯст пайваста шогирдонашро роҳнамоӣ мекунад.

Баҳри дар амал татбиқ намудани «Бистсолаи омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» дар соҳаҳои илм устод М. Музаффаров сахми арзанда мегузорад. Ба шогирдонаш асрори илми кимиё ва кашфиёти нави химиявиро меомӯзонад. Вай чун шамъ худ месӯзаду ба дигарон равшанӣ мебахшад. Оре, ба қавли химики бузург Менделеев: «Муаллими ҳақиқӣ ҳамонест, ки дониши ӯ дониши хонандагон гардад». Ин шиори зиндагии устод Мансурҷон Музаффаров мебошад, ки сарбаландона дар роҳи таълиму тарбияи насли наврас ва роҳнамоии онҳо ба сӯйи илму маърифат заҳмат мекашад.

***Нуъмон РАҶАБЗОДА,***
***«Омӯзгор»***

# Роҳбари ғамхор

***Назира Ятимова-директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №48-и ноҳияи Рӯдакӣ аз зумраи он шахсиятҳост, ки бо меҳру муҳаббат, масъулиятшиносӣ ва ташаббусҳои созандааш муҳити созгори таълимиро фароҳам овардааст.***



Н. Ятимова пайваста дар ҷустуҷӯи усулҳои беҳтар намудани сифати таълим ва дар пайи фароҳам овардани шароити хуб барои омӯзгорону шогирдон мебошад. Ӯ бо дилсӯзиву меҳрубонӣ ва ҳисси баланди ватандӯстӣ мекӯшад, ки мактаб на танҳо ҷойи таҳсил, балки муҳити созандаи ахлоқиву маънавӣ бошад. Муаллима бо хоксорӣ, садоқат ба касб ва ташаббускорӣ тавонистааст мактабро рушд бахшад ва ба насли нав роҳи омӯзиши донишҳои замонавиро боз намояд.

Ӯ тамоми талошҳои худро барои татбиқи усулҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ кардани методологияи муосир ба таълим равона месозад. Бо омӯзгорон ва шогирдон муносибати солим дошта, кӯшиш мекунад, ки таълим ва тарбия дар мактаб бо муносибат ва эҳтироми мутақобил сурат гирад.

Зеро муаллима медонад, ки таълим танҳо аз омӯзиш иборат нест, балки тарбияи дурусти муҳассилин низ аст.

***Маҳмадсиддиқ МИРЗОЕВ,***
***омӯзгори технологияи иттилоотии МТМУ №48-и ноҳияи Рӯдакӣ***

СИТОИШ

*Сухан ба омӯзгор барои бедор сохтани дигарон дода шудааст.*
***В. Ключевский***

*Омӯзгори бад ҳақиқатро ҳадия мегирад, муаллимии нағз онро меёбад.*
***А. Дистервег***

*Омӯзгори ҳақшинос ҳамеша мувоҷеҳи шогирд аст.*
***М. Горкий***

*Дар тарбия ҳама чиз ба он вобаста аст, ки мураббӣ кист?*
***Ф. Достоевский***

*Таматтуъе, ки ман аз фазл дар ҷаҳон бурдам,*
*Ҳамон ҷафои падар буду силии устод.*
***Заҳируддин Форёбӣ***

*Муаллим инсонро ташаккул медиҳад.*
***М. Каминин***

*Муаллимӣ ҳунарест оливу наҷиб.*
***Л. Толстой***

*Аз омӯзгор биёмӯзу шамъи дида бияфрӯз.*
***Д. Дидро***

*Мояи ифтихори муаллим – донаҳои киштааш – талабагон мебошанд.*
***Д. Менделеев***

*Ба шогирдӣ ҳар он кӣ шод гардад,*
*Бувад рӯзе, ки худ устод гардад.*
***Носири Хусрав***

*Ҳар кӣ аз устод гурезад дар ҷаҳон,*
*Ӯ зи давлат мегурезад, ин бидон.*
***Ҷалолиддин Балхӣ***

*Наравӣ то ба хидмати устод,*
*Илму ирфон куҷо бигирӣ ёд!?*
***Камолиддин Биноӣ***

***Таҳияи***
***Ҳасани АЛИМПУР,***
***омӯзгори МТМУ №10, ноҳияи Айнӣ***

**Дар шаҳри Хоруғ дар мавзуи «Пешвои муаззами тоҷикон – ташаббускор ва таҳкимбахши сулҳу ваҳдати байналмилалӣ» конференсия баргузор шуд.**

АДАБИЁТ

***Дар мавзуи ҷанги маълуми шаҳрвандӣ, ки бо соҳибистиқлол гардидани кишвар нохоставу ногаҳонӣ сар заду тадриҷан бо муқовимату муборизаҳо ва сангаргириҳои ду ҷониб дар сар то сари қаламрави мамлакат оташи он аланга задаву доман паҳн кард, тайи чанд соли охир дар адабиёти тоҷик асарҳои насрии ҷолиб ва хондание таълиф гардиданд.***



# Фарҷоми фоҷиаи бадгавҳарон

Романи нависанда Абдуғаффори Партав – «Иёр» дар боби равшанӣ андохтан ба масъалаҳои то ҷое аз ҷониби дигар нависандагон посухнагуфтаю ҳалнашуда, ошкору бармало сохтани муаммоҳову мураккабиҳо ва печидагиҳо дар раванди вусъат ёфтани ҷангу набардҳои хунин ва сар задани воқеаҳои гӯшношуниду фалокатбор гоми ҷиддиест, ки аз ҳунари волою маҳорати баланди нигорандагии адиб шаҳодат медиҳад. Дар нигоҳи аввал чунин менамояд, ки муаллиф тибқи сабку услуби анъанавӣ аз паёмадҳои он ҷанг бо дард сухан ронда, якяк саҳнаҳои муҳлик ва балохезу хонабарандози онро ба риштаи тасвир кашиданист. Ҳатто аз мутолиаи огоҳмандонаи саҳифаҳои нахустини роман дар мағзи кас фикре ба пайдо меояд, ки нависандаро ошкору равшан сохтани ҳодисоти маълум саргарм ва машғул медоранд. Муқаддимаи роман низ ба он далолат мекунад, ки Партав бо шеваи нақлу тасвири баргардониш (пурсишу посухи набера ва бобо дар бораи гӯри падар, ки дар ҷанги мазкур қурбон гардидааст) аз пайи ифодаю бозтоби силсилаи воқеот камари ҳиммат бастааст. Бо шинос шудан ба инкишофу ҷараёни хатти сюжет ва идомаи бархӯрдҳои қаҳрамонони асар хонандаи маърифатманду закӣ пай мебарад, ки ҳадафу муроди ниҳоии нависанда аз тасаввуре, ки аз қабл дар сар дошт, бо дарёфту намоён намудани омилу решаҳои амиқи ба вуқуъ омадани ҷангу муқовиматситезии гурӯҳҳои мухталиф ва ҷонибҳои даргир билкул дигар аст. Яъне, зоҳири воқеаҳо барои равшану ҳувайдо намудани заминаҳои сар задани ҷанг барои адиб хидмат кардаанду халос. Нависанда бо тасвири саҳнаҳову манзараҳои ҷолибу зиндагии даврони ҷангӣ дар як деҳи наздишаҳрӣ хислату атвори қаҳрамонони худро бо тамоми мураккабиҳояш пеши назари хонанда ҳувайдо месозад. Аз раванди инкишофи воқеаҳо дар асар, ки ҳамвора тезу тунд ва бо шиддат ҷараён мегирад, ваҷҳи аслии ба саҳнаи муборизаҳо ва ҷангҳои хунину бераҳмона ворид гардидани «қаҳрамонон»-и замони нав маълум мешавад. Мазмун, бахши аъзами афроде, ки аз лаҳзаи мувофиқ истифода карда, силоҳ ба даст гирифтаанд, онҳоеанд, ки дар замони Шуравӣ ба мақсаду орзуҳои дарпешгузоштаи худ нарасидаанд, аз қавле нокому ҷабрдидаанд. Ин тоифа ҳеҷ тафаккуру андеша кардан намехоҳанд, ки сабабгори ба вазифаю мансаб ва курсии депутатӣ соҳиб нашудани эшон шахсони алоҳида не, балки сохтори мавҷудаи сиёсии он давра маҳсуб меёфт, ки дар раъси роҳандозии амру фармонҳояш ҳизби қудратманди яккатози коммунистӣ қарор дошт.

Яъне, адиб воқеъбинона хотиррасон мекунад, ки аксар роҳбарону лашкаркашони ҷабҳаи ҷанги шаҳрвандӣ ашхоси ғолибан донову ҳушманд, соҳибмаълумот ва то ҷое сиёсатшинос ҳам ба шумор мерафтанд. Чунинанд қаҳрамонони марказии романи «Иёр» – Вакил, Умар, Боирови раис, Шарифзодаи муаллим…

Дар ин радиф, сарбозони қатории ин дастаҳо, ки дар тобеияти онон қарор дошта, аз беҳокимиятии мавҷуда истифода бурда, ба ҳама амалу кирдорҳои ғайриинсонӣ ва ҷиноятkорона даст мезананд (амсоли Бердӣ, Умед, Беранг…) низ нақши асосӣ доранд. Ин гурӯҳ дар доираи фаҳмишу биниши тангу маҳдудаи хеш танҳо як мақсад доранд: ҷангу ғорат кардан ва молу пулу сарват ҷамъ овардан.

Вакил, ки сардори дастаи музофот аст, андешаи дигар дорад. Вай, ки дар даврони Шуравӣ ба гирифтани мандати депутатӣ мушарраф шуда натавонистааст, аламдорест, ки дар ин қазия раиси хоҷагӣ Боирову думравони ӯро муҷриму гунаҳкор меҳисобад. Дарвоқеъ, Вакил фарди соҳибмаълумот буда (ду донишгоҳро хатм кардааст), дар ҷодаи соҳиби шуҳрату обрӯ гардидан талошҳои фаровон ба харҷ додаст. Дар шароити феълӣ, ки ҷанг сар задаасту мавсуф сарварии як дастаи бузурги ба ном «Фидоиён»-ро худсарона ба даст гирифтааст, аз пайи қасду кинситезӣ, ки аз замони Шуравӣ дар дил дорад, гомҳои ҷиддӣ мегузорад.

Дар қиёс бо Вакилу Бердӣ қаҳрамони дигари асар Умар, ки ҳамчун тақводору порсо пайваста бо насиҳату андарзҳояш «ҳамяроқонро» аз рафтору аъмоли бад ҷилавгирӣ мекунад, дар тасвири А. Партав ба куллӣ аз ёрони худ фарқ карда меистад. Умар ҷаҳони андешаҳои вижаи худро дорад, ба авзои ҷомеаю кишвар ва зиндагии мардум аз зовияи ақлу фаросат ва фазилати неки инсонӣ назар мекунад, ҳарчанд ки ба ин дастаи худсару ғоратгар ҳамроҳ асту ҳадафҳои мармузу ноошнои шахсӣ ва манфиатҷӯёнаи худро дорад.

Бо вуҷуди ин, ҳамеша бо донишу афкор ва фаҳмиши баланди худ садди роҳи бедодгариву зӯроварӣ ва амалҳои нангину ноҷавонмардонаи яроқбадастони гурӯҳ мешавад. Нависанда дар симои Умар афродеро ба риштаи тасвир кашидааст, ки ба ҷуз хислатҳои ғурурмандӣ, манфиатхоҳӣ ва фазлфурӯшӣ, ҳамзамон, аз атвору сифатҳои дурандешӣ, хайрхоҳию раҳмдилӣ ва тамкинию солорӣ то андозае бархӯрдор мебошанд. Дар асар дар эпизодҳои зиёде бо Умар бархӯрд мекунем, ки ба василаи гуфтору ибрози андешаҳои хоси ӯ адиб олами муаммобарангези ботинии вайро ҳаддалимкон бозгӯйӣ ва кашф месозад.

Абдуғаффори Партав дар бобҳои асар тамоми разолату қабоҳати дастаҳои бедодгари мусаллаҳро, ки барои манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ ба иҷрои ҳама гуна амалу кирдорҳои ғайриинсонӣ (аз қабили одамрабоию гаравгонгирӣ, дуздию ғорат, таҷовуз ба номуси занону духтарон, қатлу куштор ва амсоли ин) қодиранд, зиндаю табиӣ ва боварибахш тасвир намуда, дар зимн, образҳои саркардагону маблағгузорони дастаҳои мазкурро равшану барҷаста офаридааст. Ин хусусияти воқеиятнигории адиб бозгӯйи он аст, ки вай тору пуди инкишофу ташаккули ҳодисаҳои зиндагиро амиқу ҳаматарафа медонад, аз фоҷеаҳои руҳдодаи он солҳо огаҳию иттилои дақиқу сареҳ дорад. Ҳарфу калимоти А. Партав маснуию умумӣ набуда, реша дар асли зуҳури воқеаҳо дорад. Маҳорати нигорандагӣ ва таҷрибаи комили сухангустарӣ ба нависанда имкон додааст, ки лавҳаҳои он рӯзҳои мудҳишро бо санъати волои ҳунарӣ тасвир созад. Ба қалами Партав нақли хушку тӯлонӣ, орӣ аз пуробурангию фасоҳат бегона аст. Яке аз лаҳзаҳои бисёр ҷолибу муассир, ки дар роман инъикоси худро ба таври реалӣ пайдо кардааст, гаравгонгирии писари Боири раис ва маҳбубаи ӯ мебошад. Раис барои озод гардидани писарашу арӯси вай омода аст, тамоми сарвату бойигарияшро сарф намояд. Нависанда ин ҳолатро ба василаи диалогу таъбирҳои мардумӣ, ки дар роман хеле фаровон истифода шудаанд, таҷассум намудааст.

«Ҳамсуҳбатон ба рафти андешаи ҳамдигар халал нарасонида, лаб зери дандон гирифта буданд. Бе он ки касе аз Боирови раис чизе пурсад, боз худ ба забон омада як навъ ваъдаи умедворона ва тасаллӣ дод:

– Дар хоҷагиам ду тонна спирти тоза дорам. Ду миллион пул дорам. Болотар аз ин ҳама, чанде аз аъзои хоҷагӣ аз хати кашидаи ман берун по намегузоранд. Ба об равед, гӯям, меравaнд, ба оташ паред, гӯям, мепаранд. Ҳарчи гӯям, ҳамон мекунанд. Гапи ман барояшон қурби қонуну шароит дорад».

Дар умум, романи «Иёр» (китоби аввал) дар насри тоҷик қадами ҷиддист дар мавзуи ҷанги шаҳрвандӣ, ки ҷанбаю паҳлуҳои норавшани он задухӯрду муқовиматҳоро нависанда бо маҳорату ҳунари хуби нигорандагӣ бозтоби бадеӣ бахшидааст.

***Шодӣ РАҶАБЗОД,***
***«Омӯзгор»***



# МАОРИФИ ҶАҲОН

**Австрия**

Низоми маорифи Австрия яке аз беҳтарин низомҳо дар Аврупо маҳсуб меёбад. Он аз марҳалаҳои гуногун иборат аст.

Таълими томактабӣ кӯдакони аз 3 то 6-соларо ба таҳсил фаро гирифта, ихтиёрӣ аст. Ин зинаи таҳсилот одатан аз ҷониби давлат маблағгузорӣ мешавад.

Мактаби ибтидоӣ ҳатмӣ ва ройгон буда, дар он кӯдакони 6-10-сола таҳсил мекунанд. Кӯдакон бештар ба хондан, навиштан ва омӯзиши риёзиву забони олмонӣ машғул мешаванд.

Мактаби миёна ба ду зина тақсим мешавад, ки миёнаи аввалия ва миёнаи дуюм ном гирифтааст. Дар ин зина донишомӯзон барои идомаи таҳсил дар мактабҳои олӣ омодагӣ мебинанд.

**Андорра**

Андорра дорои низоми гуногунрангу гуногунҷабҳаи маориф аст. Сарфи назар аз кишвари хурд буданаш, сохтори баландсифат ва бисёрзабона пешниҳод мекунад. Низоми маорифи ин кишвар бо он фарқ мекунад, ки дорои 3 навъи таълим аст:

- низоми андоррагӣ;
- низоми фаронсавӣ;
- низоми испанӣ.

Оилаҳо дар интихоби мактаб озоданд. Фарзандони онҳо метавонанд дар дилхоҳ муассиса таҳсил кунанд.

Дар Андорра бисёрзабонӣ ҳадафи асосии низоми таълим мебошад. Донишомӯзон дар муассисаҳои таълимӣ одатан забонҳои каталонӣ, фаронсавӣ, испанӣ ва англисиро хуб меомӯзанд.

**Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея**

Маориф дар Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея аз ҷониби ҳукумати мамлакат маблағгузорӣ мешавад. Таҳсил дар муассисаҳои таълимии ин кишвар ройгон ва ҳатмӣ буда, сатҳи саводнокии аҳолӣ ба 99% баробар аст.

Дар Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея кӯдакон 1 сол дар кӯдакистонҳо таҳсил мекунанд. Баъд аз он таҳсил дар мактаби ибтидоӣ оғоз мешавад. Сипас таҳсилоти миёна шуруъ мегардад, ки 6 сол идома меёбад. Донишомӯзон метавонанд, таҳсили худро дар донишгоҳҳо идома диҳанд. Бонуфузтарин муассисаҳои олии ин кишвар Донишгоҳи Ким Ир Сен, Донишгоҳи Ким Ҳёнг Ҷик ва Донишгоҳи илм ва технологияи Пхенян мебошанд.

**Муғулистон**

Дар Муғулистон талабот ба кӯдакистонҳо зиёд аст. Тибқи низомнома, дар кӯдакистонҳои давлатӣ дар 1 гурӯҳ бояд на бештар аз 20 кӯдак ба таълим фаро гирифта шавад. Мутаассифона, ин қоида риоя намегардад. Бо сабаби норасоии ҷой дар аксари кӯдакистонҳои ин кишвар дар 1 гурӯҳ то 30-45 нафарро қабул мекунанд. Инчунин, ҳамаи боғчаҳои бачагона фаъолиятро бо забони муғулӣ ба роҳ мондаанд. Аз ин рӯ, аксари волидон кӯшиш мекунанд, ки фарзандонашонро ба кӯдакистонҳо шомил кунанд. Дар кӯдакистонҳои хусусӣ омӯзиши забонҳои хориҷӣ хуб ба роҳ монда шудааст.

**Филиппин**

Дар Филиппин мисли аксари кишварҳои рӯйи дунё ду навъи мактаб амал мекунанд: давлатӣ ва хусусӣ. Мактабҳои давлатӣ ва хусусии Филиппин аз ҷиҳати хароҷот, сифати таълим, забони омӯзиш ва муҳити таҳсил аз ҳам фарқ мекунанд.

Мактабҳои давлатӣ пурра ройгон буда, аз ҷониби ҳукумат маблағгузорӣ мешаванд. Шумораи хонандагон дар синф аз 30 то 60 нафар буда, забони таҳсил филиппинӣ аст (забони англисӣ низ омӯзонида мешавад).

Дар мактабҳои хусусӣ бошад, баръакс, таҳсил пулакӣ буда, бештари дарсҳо бо забони англисӣ ба роҳ монда шудаанд. Инчунин, шумораи хонандагон дар 1 синф 20-30 нафарро ташкил медиҳад.

***Таҳияи Ирода ТИЛАБОВА,***
***«Омӯзгор»***

**Дар нимсолаи якуми соли равон дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 21 иншооти нави таълимӣ мавриди истифода қарор гирифт.**

# Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

## барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хидмати давлатӣ озмун эълон менамояд:

1. Сардори раёсати иқтисод, банакшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм – 1 ҷой (категорияи 1), маоши мансабӣ 3300,35 сомонӣ.

2. Сардори шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ – 1 ҷой (категорияи 3), маоши мансабӣ 2056,20 сомонӣ.

3. Сармутахассиси раёсати илм ва инноватсия – 1 ҷой (категорияи 5), маоши мансабӣ 2320,25 сомонӣ.

4. Мутахассиси пешбари раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак – 1 ҷой (категорияи 6), маоши мансабӣ 1890,80 сомонӣ.

5. Мутахассиси пешбари шуъбаи низоми ахборотии идоракунии маориф ва илм – 1 ҷой (категорияи 6), маоши мансабӣ 1890,80 сомонӣ.

6. Мутахассиси пешбари шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ – 1 ҷой (категорияи 6), маоши мансабӣ 1890,80 сомонӣ.

7. Мутахассиси пешбари шуъбаи аудити дохилӣ – 1 ҷой (категорияи 6), маоши мансабӣ 1890,80 сомонӣ.

8. Мутахассиси раёсати таҳсилоти томактабӣ – 1 ҷой (категорияи 7), маоши мансабӣ 1554,40 сомонӣ.

9. Мутахассиси раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак – 1 ҷой (категорияи 7), маоши мансабӣ 1554,40 сомонӣ.

10. Мутахассиси раёсати муносибатҳои байналмилалӣ – 2 ҷой (категорияи 7), маоши мансабӣ 1554,40 сомонӣ.

11. Мутахассиси шуъбаи низоми ахборотии идоракунии маориф ва илм – 1 ҷой (категорияи 7), маоши мансабӣ 1554,40 сомонӣ.

12. Мутахассиси шуъбаи сифати таҳсилот – 1 ҷой (категорияи 7), маоши мансабӣ 1554,40 сомонӣ.

***Иловапулӣ ба маоши мансабӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯйи ҷадвали тарифӣ пардохт карда мешавад.***

**Ҳуҷҷатҳои зарурии пешниҳодшаванда:**

– ариза ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ бо шакли дар замимаи 1 пешбинигардида;
– варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (бо 2 дона расми андозаи 4х6);
– тарҷумаи ҳол;
– нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
– нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
– маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ дар шакли 038;
– маълумотнома аз ВКД (оид ба доғи судӣ)
– нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
– маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
– нусхаи шиноснома;
– нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд).

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби сардори раёсати иқтисод, банақшагирӣ дар соҳаи маориф ва илм:**

– таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ва ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, мукаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– малакаи озодона ҳарф задан ва навиштан бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (донистани забонҳои хориҷӣ афзалият дорад);
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби сардори шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ:**

– таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, мукаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– малакаи озодона ҳарф задан ва навиштан бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (донистани забонҳои хориҷӣ афзалият дорад).

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби сармутахассиси раёсати илм ва инноватсия:**

– таҳсилоти олии касбии гуманитарӣ, техникӣ ё табиӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, мукаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси пешбари раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак:**

– таҳсилоти олии касбии ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, мукаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси пешбари шуъбаи низоми ахборотии идоракунии маориф ва илм:**

– таҳсилоти олии касбии ихтисоси иқтисодӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, мукаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси пешбари шуъбаи маркетинг, амвол ва хариди давлатӣ:**

– таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, мукаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси пешбари шуъбаи аудити дохилӣ:**

– таҳсилоти олии касбии ихтисоси иқтисодӣ ё молиявӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, мукаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси раёсати таҳсилоти томактабӣ:**

– таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбии ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, мукаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси раёсати ҳифзи ҳуқуқи кӯдак:**

– таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбии ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, мукаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер;

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси раёсати муносибатҳои байналмилалӣ:**

– таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбии ихтисоси ҳуқуқшиносӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, мукаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер;

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси шуъбаи низоми ахборотии идоракунии маориф ва илм:**

– таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбии ихтисоси иқтисодӣ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, мукаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

**Талаботи тахассусӣ барои ишғоли мансаби мутахассиси шуъбаи сифати таҳсилот:**

– таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбии ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки ичрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
– малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла, маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
– донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ;
– донистани таърих, фарҳанг, мукаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
– кор карда тавонистан бо компютер.

**Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати 21 рӯз баъди чопи аввалини эълон дар шакли хаттӣ қабул карда мешаванд.**

**Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисор-муҳаммад-13А, телефон: 221-37-65, 227-67-07, факс: 221-70-25, суроғаи электронӣ: kadr@maorif.tj, сомона: www.maorif.tj**

*Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Вазорати маориф ва илм*

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №1251138, ки онро соли 2024 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №108-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба Сангинзода Муслим Зиёдулло додааст, эътибор надорад.

ОМӮЗГОР
ҲАФТАНОМА АЗ 28-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД
НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА 225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Раҳим САИДЗОДА
Абдулло РАҲМОНЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» тахти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, тахти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба ӯҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА (ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Хотами ҲОМИД 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА (муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА
Хуршеда АЗИЗОВА (шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61 (масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА (ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 40246 нусха

Почтаи электронӣ: n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома: www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора
С. Набизода